**Абдулҳафиз ҚОДИРӢ**

# РӮ БА РӮШНОӢ

Душанбе
«Адиб»
2010

ББК-84 Тоҷик 7-5
Қ-42

Муҳаррир *Сабринисо Гулова*

Қ-42 **Абдулҳафиз Қодирӣ. Рӯ ба рӯшноӣ** (Афсонаҳои драмавӣ барои наврасону ҷавонон.) – Душанбе, «Адиб», 2010, 116 саҳ.

ISBN 978-99947-2-038-5

© Нашриёти «Адиб», 2010

# ОДАМОН, ОДАМ БОШЕД!

*Мусиқии даҳшатангезе садо медиҳад. Аз ду ҷониб Зоғ ва Шоҳин рӯи саҳна меоянд.*

**Зоғ:** Надидаам, нагӯед,
Нашнидаам нагӯед!

**Шоҳин:** Имрӯз дар лаби рӯд,
Дар бешазори Кабуд,
Бо фармони Шери нар
Ҷонварони баҳру бар.

**Зоғ:** Маҷлисе меороянд,
Дилҳоро мекушоянд.

**Ҳарду:** Ҳама ба маҷлиси ом!
Маҷлис шавад вақти шом!

**Садои баранда:** Оҳую Гургу Шутур,
Ҳам Хирсаки ландаҳур,
Ҳам Шағолу ҳам Калхот,
Уқобу ҳам Бегимот,
Ҳам Калламушу Паланг,
Ҳам Моҳича, ҳам Наҳанг
Гирд омада дар беша
Бо сад фикру андеша.

*Манзараи Бешазори Кабуд. Як-як ҷонварон ҷамъ мешаванд.*

**Гург:** Чӣ воқеа, чӣ гап шуд?
Кайҳо маҷлисе набуд...

**Хирс:** Гарчи вазири чапам,
Бехабари ин гапам.

**Оҳу:** Бахайр, эй аҳли беша?
Маҷлисбозӣ шуд пеша?

**Шағол** *(бо нозу карашма, ба Паланг)*:
Ҳамсоя, эй ҳамсоя,
Чаро чеғ задан моя?

**Паланг:** Шери жаён меояд,
Худаш мегӯяд шояд.

**Бум** *(пеш аз Шер ба майдон ҳозир шуда)*:
Табъаш хеле вайрон аст,
Хаставу нотавон аст.

**Маймун:** Ин ҳоли шоҳи даврон
Фоли накӯ не, ёрон.

*Шер омада, ба харсанги пешгоҳи саҳна мебарояд. Кулли ҷонварон ба таври худ таъзим мекунанд. Мусиқии даҳшатангез.*

**Шер:** Гирд оварам маҳфилро,
То гӯям дарди дилро,
Дардам бедаво, ёрон:
Шаб дар Дараи Морон
Баччаамро парондaнд,
Маро дар мотам монданд...
Баччаяки бебахтам,
Вориси тоҷу тахтам,
Бо азобу бо фиғон,
Аз тири он қотилон
Дур аз барам шуд ҳалок,
Афтода бар рӯи хок *(наъра мезанад)*.
Дардам, эй ёрон, зиёд,
Аз Одам доду бедод!



*Мусиқии дилхароше садо медиҳад. Зимни он тамоми ҷонварон ба лаҳни худ фарёду фиғон мекунанд.*

**Шағол:** Лаънат мегӯем аз ҷон!

**Ҳама:** Лаънат ба насли инсон!

**Хирс:** Лаънат ба теғу тираш,
Ба пастии замираш!

**Ҳама:** Лаънат ба теғу тираш,
Ба пастии замираш!

**Гург:** Бикаш, Маймун, расмашро,
То бикобам чашмашро!

**Садои баранда:** Маймун кашида як расм,
Одамро ба шакли хасм,
Болои сангаш монданд,
Ба он лаънатҳо хонданд,
Ба ҳар рангаш бурда ном,
Кардандаш басо дашном!

**Маймун:** Сад фиғон аз дасти ӯ –
Аз ҳиммати пасти ӯ.
Дунё пурхатар шавад,
Насли мо камтар шавад.

**Гург:** Мо тавоно лашкарем,
Синаашро медарем!

**Шағол:** Ҳолаш бояд танг кард,
Сараш зери санг кард.

**Гург:** Мемакемаш хуни ӯ,
Хунаки гулгуни ӯ.

**Бум:** Зидди Одам – ҳайвонот
Барпо кунем ғазовот!

**Саг:** Мӯҳтарам, аҳли беша,
Бояд кунем андеша,
Мабодо ояд хатар,
Ҳоламон шавад батар!

**Гург:** Хомӯш бош, эй нодон,
Ё безорӣ ту аз ҷон?!

**Хук:** Ӯро тафтиш мебояд,
Ҷосусе бошад шояд!

**Паланг:** Пӯшедаш даррав даҳон,
Аблаҳ аст ӯву нодон!

**Шағол:** Саг шояд мегӯяд рост,
Беандешагӣ балост.

**Шоҳин:** Шояд, эй аҳли беша,
Аввал кунем андеша!

**Зоғ:** Чӣ лозим аст андеша,
Бизан ба реша теша!

**Паланг:** Бояд бандем ӯро сахт,
Ҳо, ана, дар он дарахт!

*(Мору Гург Сагро ба танаи дарахт мебанданд).*

**Гург:** Медаронам пӯсташро,
То набинад дӯсташро!

**Мор:** Бандед, аз даҳонаш,
Зудтар барояд ҷонаш!

**Маймун:** Ҷӯраҳо, эй ҷӯраҳо,
Монед, гӯяд гапашро!

**Хирс:** Кори шумо ботил аст,
Оё ин Саг қотил аст?!
Н-ояд аз дасти шумо,
Одамро додан ҷазо!
Як сол боз ин бо мост,
Меҳри ӯ дар дил баҷост.
Ё ки мо ҳам ҷоҳилем,
Мисли Одам қотилем?

**Шоҳин:** Шоҳо, бикун илтифот,
Гӯ, Сагро кунанд озод.
Ба кӣ лозим ин бозор?
Гапашро гӯяд, бигзор!

**Оҳу:** Шоҳо, ба ман бидеҳ гӯш,
Ҳамаро бикун хомӯш.

*(Шер бо ишораи даст ҳамаро хомӯш мекунад).*

Боре афтодам дар об,
То ба соҳил бо азоб
Шинокунон расидам,
Он ҷо Одамро дидам.
Кушод ӯ сӯям оғӯш,
Тарсида шудам беҳуш...
Вақте омадам ба худ,
Одам дар паҳлӯям буд!
Мекард ӯям навозиш
Бо хоришу бо молиш,
Чандонам кард ӯ даво,
То шудам равон ба по.
Шинонда пас рӯи зин,
Дар ҷонвари оҳанин,

Ба кӯҳ расонда маро,
Истоду гуфто: «Фуро!»
Маро монду рафт зуд,
Рафтораш мӯъҷиза буд!

**Хирс:** Аҷаб махлуқ, аст инсон,
Гаҳ ин сону гаҳ он сон!

**Гург:** Шоҳо, рафт аз дил қарор,
Худат ҳукматро барор!

**Шер:** Озодаш кунед аз банд,
Гӯяд гапашро бе фанд.

*(Ҳайвонҳо Сагро озод мекунанд).*

**Шер:** Гапатро гӯ, Саги ланг,
Бе фиребу бе найранг!

**Паланг:** Бигӯ ба мо бетаъхир,
Агар медонӣ тадбир.

*Саг дасту пояшро молиш дода, байни давра медарояд ва бо овози ғамин сухан оғоз мекунад.*

**Саг:** Будам нигаҳбони Шер,
Шукри Худо, будам сер,
Бо меҳру бекин будам,
Бо шумо қарин будам,
Агар кардам хиёнат,
Ҳолам бодо аз ин бад!
Дар хонаи як одам
Даҳ сол хизмат кардам,
Будам ҳаме посбон,
Хӯрдам танҳо устухон...
Валекин чун шудам пир,
Паронд сӯи ман ӯ тир,

Ба хуни худ оғушта,
Гурехтам рӯ ба пушта.
Ёфтам дар ин ҷо роҳат,
Осоишу табобат.
Бо ман меҳрубон будед,
Яктану якҷон будед. *(Мегиряд).*

**Маймун:** Ноодамиро бинед,
Аз ӯ дигар чӣ умед?!

**Саг:** Ман ҳамаро санҷидам,
Аз ин рӯ, наранҷидам.
Донистам дар ин дунё
Ҳар сареву як савдо,
Одамон на як хеланд,
Хушфеъланду бадфеъланд.
Як зумра накӯкоранд,
Раҳмдилу ғамхоранд.
Китоби сурхи эшон
Бошад моро нигаҳбон.
Намонад, шавем пареш,
Насламонро кунад беш.

**Хирс:** Гапи ин Саг ҷон дорад,
Як қисмаш имон дорад...

**Маймун:** Инсона хубаш кам не,
Ҳамааш лек одам не!

**Саг:** Гарчи дар сари тахтанд,
Одамон ҳам бадбахтанд.
Доранд моли дунё,
Серӣ надоранд аммо!
Бо ҳамдигар дар ҷанганд,
Дар як аҳволи тангaнд.

**Мор:** Кардаанд онҳо пеша
Кинаро бе андеша.

**Шағол:** Зумрае баддил,беор,
Дасте болои ҳар кор.

**Шоҳин:** Аз барои пулу мол
Доранд ҷангу ҷанҷол.

**Саг:** Кам мешавад наслашон,
Эй дареғи аслашон!

**Хирс:** Ҳақиқатан, дареғаш,
Сарашро хӯрад теғаш.

**Гург:** Одамро чӣ ҷин задаст
Худро ба замин задаст.

**Шағол:** Бад мекунад ҳоли худ,
Мешиканад боли худ!

**Садои баранда:** Барои некӯ тадбир
Чашми ҳама шуд ба Шер.
Гарчи набудаш осон,
Хест аз ҷо Шери жаён.

**Шер:** Дӯстонам ҳама хомӯш,
Диҳед ба ҳукми ман гӯш!
Дорам ин замон мотам
Аз дасти насли Одам,
Ҳолам аз дасташ танг аст,
Илоҷам бо ӯ ҷанг аст...
Аммо дар ин гиру дор
Ба ман аз ҳарчи бисёр
Гапҳои Саг асар кард,
Фикри маро дигар кард.

**Паланг:** Аз ҷанг, оре, чӣ ҳосил,
Пурхун шавад ҳама дил.

**Хирс:** Тифлакон хору ҳалок,
Падару модар дилчок...

**Оҳу:** Чӣ бояд кард ин замон,
То бифаҳманд одамон,
Мо ки ҳастем ёрашон,
Ғалат бошад корашон.

**Зоғ** *(ба Саг)***:** Аз нақли ту шуд маълум,
Одам карда ақлаш гум.

**Мор:** Баҳри молу баҳри зар
Шуд душмани якдигар.

**Шер:** Ҷанги нафс орад хатар
Ба вуҳушу ба башар,
Мо Одамро аз хато
Бояд бикунем раҳо.
Худоро зора кунем,
Инсонро чора кунем.

*(Ҳама ба зону нишаста, даст сӯи само мебаранд).*

**Ҳама:** Тавоно Парвардигор,
Ба зикри мо гӯш дор,
Ба Инсон деҳ адолат,
Вораҳон аз ҷаҳолат,
То накушад насли худ,
Нигаҳ дорад асли худ.

**Шер:** То чун махлуқи нодир
Нашавад яксара қир,
Аз Китоби сурх акнун
Намонад бояд берун!

**Ҳама:** Аз Китоби сурх акнун
Намонад бояд берун!

*(Ҷонварон як-як ба пешсаҳна меоянд ва ба тамошобинон муроҷиат мекунанд):*

Одамон, эй одамон,
Зеби ҳар давру замон,
Набошед асло ганда
Бо ҳайвону паранда,
Доимо ёрӣ кунед,
Аз ҷон ғамхорӣ кунед.
Ҳазар аз тири қотил!
Ҳазар аз нафси ботил!
Андешед аз кори худ,
Аз каму бисёри худ,
Кунед аз кина гузар,
Аз душманиҳо ҳазар,
Зеби ин олам бошед,
Одамон, Одам бошед!

**Поёни намоиш**

# ЛАКУ ПАК

*(Афсона иборат аз ду парда ва шаш намоиш)*

ИШТИРОКДОРОН:
Лак
Пак
Ғизолак
Рафидамоҳ
Рафидашоҳ
Шоҳ
Надими шоҳ

## ҚИСМИ ЯКУМ

### Пешсаҳна

*Парда пӯшида. Дар пешсаҳна ҳавзи об. Дар лаби ҳавз дарахти маҷнунбед. Чароғ равшан мешавад. Пак атрофро назар карда, назди сарҳавз меояд. Аз ҳавз як каф об гирифта сару рӯяшро тар мекунад.*

**Пак**: Оҳ... оҳ... оҳ,... оҳ...
Оби ҳавз аз ҳад хунук
Ё бошад пӯстам тунук?!

*(Пак рафта ду-се парахаи чӯбро оварда, дар лаби ҳавз алов мекунад).*

Бишканам заҳри оба,
То напаронад хоба.
Танам ширин мехорад,
Оби гармаш мефорад.

*(Пак либосҳояшро кашида дар тан пӯстинашро дида хурсанд мешавад).*



Як моҳ, ина кофтам,
Ур-ра! Акнун ёфтам.
Басо хуш мешавад Лак,
Шодон мезанад чак-чак.

*(Пак алави гирондаашро зуд кушта, либосҳо дар даст сӯй кулбааш метозад).*

*Саҳна торик мешавад.*

*Хонаи камбағалонаи Лаку Пак. Суфаи лойин бо гилем ва пӯсти бузу гӯсфанд рӯпӯш. Лак бо чарх риштаресӣ дораду духтараш Ғизолак дарбеҳ. Пак бо шитоб медарояд.*

**Пак:** Шодиёна бидеҳ, Лак,
Тарбузи ғелони Пак.

**Лак:** Чӣ воқеа, чӣ гап шуд?
Дилат чунин хуш набуд?

**Пак:** Пӯстинам пайдо шуд, Лак,
Қоил бишав ту бар Пак.

**Лак:** Аз куҷояш ёфтӣ?
Куҷоҳоро кофтӣ?

**Пак:** Гуфтам, кунам оббозӣ,
Дар лаби ҳавзи қозӣ.
Вақте луч шуд баданам,
Дидам, онро дар танам!

**Лак:** Аҷаб марди зиракӣ,
Ба Худо, якто Пакӣ!

*(Дарвоза тақ-тақ мешавад)*

Кӣ бошад ин худ бесар,
Дудаста мекӯбад дар?

**Пак:** Ку садо кун, кӣ ҳастӣ?
*(бо тарс)* Ҳушёрӣ ё ки мастӣ?

**Овози Рафидашоҳ:** Дарро кушо, меҳмонем,
Мо аз дигар маконем.

**Пак:** Дилсофӣ ё дилчиркин?
Шояд дорӣ ба мо кин?

**Овози Рафидамоҳ:** Моем хостгорон,
Аз шаҳраки Атторон.

**Лак:** Худо ғами моро хӯрд,
Як ташвиши моро бурд.

*(ба Ғизолак):* Рафта говамонро ҷӯш,
Куртаи наватро пӯш,
Биёр нону панира,
Бипаз оши базира!

*(ба Пак):* Хостгорӣ бозор аст,
Воҳимааш бисёр аст.
Кунанд аз духтар суол,
Таърифаш кун бемалол.

**Пак:** Охир, эй Лаки ҷонам,
Таърифа наметонам!

**Лак:** Порина гав фурӯхтем,
Аз савдояш насӯхтем,
Таърифат осмонӣ буд,
Қасамҳоят нонӣ буд.

**Пак:** Аёнам бишуд мақсад,
Ҳамааш мешавад сад!

**Лак:** Акнун кушо даратро,
Кор фармо саратро.

**Пак:** Дари Лакро кушоед!

**Лак:** Хонаи Пак дароед!

*(Рафидашоҳ ва Рафидамоҳ ворид мешаванд. Дар даст дастурхони калон доранд).*

**Рафидашоҳ:** Мебошад мақсади мо
Шудан хешу ақрабо.

**Пак:** Бифармоед аз боло,
Сӯҳбат дар пеш ҳоло.

*(Ҳамагон болои суфа баромада мешинанд).*

**Рафидамоҳ:** Омин! Шодон ҳар дил бод!
Муродатон ҳосил бод!

**Лак:** Ман Лакам, шавҳарам Пак,
Духтарамон Ғизолак.

**Рафидамоҳ:** Ҳастам ман Рафидамоҳ,
Ҳамсарам Рафидашоҳ.
Писарамон дилогоҳ,
Номакаш бошад Ҳамроҳ.

**Рафидашоҳ:** Шунидем, андар ин деҳ
Духтари аз ҳама беҳ,
Ғизолаки ҷон будаст,
Арӯси қадрас шудаст!

**Рафидамоҳ:** Писари мо хушандом,
Ботамкин асту ором.
Даҳ ангушташ як ҳунар,
Қуввати дили падар.

**Рафидашоҳ:** Чун аз дигар маконем,
Мо ҳам бояд бидонем,
Феъли духтари шумо,
То хуш биёяд ба мо.

**Пак:** Ҷавобам тайёр инак,
Аз атвораш як ба як:
Синааш мисли калла,
Шираш ғафс аст аз фалла.
Шираш ҳама қаймоқ аст,
Гарчи харобу қоқ аст.
Ҳамин ки баҳор ояд,
Худо хоҳад, мезояд!

*(Лак ҳарчанд имову ишора мекунад, Пак ӯро намебинад. Меҳмонҳо бо ҳайрат ба ҳамдигар дида медӯзанд).*

**Рафидашоҳ:** Моро чун бисмил кардед.

**Рафидамоҳ:** Ҳам сактаи дил кардед.

**Пак:** Шудед озурда беҷо,
Ҳаргиз наранҷед аз мо.
Нархи говам сад дирҳам,
Намедиҳам аз ин кам!

**Рафидашоҳ** (*қоҳ-қоҳ зада механдад):*
Тавсифи гав намудед?
Аҷаб як шӯхе будед!

**Лак:** Каме вазнин гӯши Пак,
Мебошад содалавҳак.
Духтари мо фарзона,
Дастёраки хона.



Сода асту хушатвор,
Натарсад аз кору бор.

**Пак:** Дина ҳам хостгоре,
Омад пири безорӣ.
Синну солаш бас бузург,
Башарааш мисли гург.

**Лак:** Ба по намеистад рост,
Домоди мо шудан хост!

**Пак:** Се зан дорад беимон,
Фарзандонаш фаровон.

**Лак:** Хоҳ неку хоҳ бад кардем,
Таклифашро рад кардем,

**Рафидамоҳ:** Домоди ноарзанда,
Мешуд боиси ханда.

**Лак:** Пурсед охири кора
Нохуш рафт он бечора!

**Рафидамоҳ:** Куҷо маҳдухтаратон,
Чаро шуд аз мо пинҳон?

**Пак:** Ғизолак, эй Ғизолак,
Биё пеши мо, инак!

(*Ғизолак дастурхон дар даст назди меҳмонҳо мебарояд. Ӯ пироҳани нав дар тан дорад. Хеле зебову дилкаш аст. Ба меҳмонҳо салом дода таъзим мекунад*).

**Рафидамоҳ:** Чи ҳусни зебо дорад,
Аҷоиб симо дорад.

**Рафидашоҳ:** Зебо асту хушхиром,
Қадаш ниҳоли бодом.

**Пак:** Духтарам, чойе дам кун,
Гулӯи моро нам кун.

*(Ғизолак кӯзаро гирифта меорад).*

**Ғизолак:** Равам паси дарвоза,
Аз баҳри оби тоза.

**Лак:** Тез биё, духтарам,
Зеби хонаву дарам.

**Рафидашоҳ:** Духтаратон писанд аст...
Нарху навояш чанд аст?

**Пак:** Агар мо қудо шавем,
Хешу ақрабо шавем,
Рӯзе шавҳараш шояд
Оши палав фармояд.
Ногаҳ, ошаш шавад шӯр,
Шӯ бо зан шавад ноҷӯр,
Кораш шавад кину кадр,
Зиндагиашон чун заҳр...

**Рафидамоҳ:** Бадгумонӣ нашояд,
Нияти накӯ бояд!

**Лак:** Агар мо қудо шавем,
Хешу ақрабо шавем,
Рӯзе шавад Ғизолак
Бемораку беҳолак,
Пеши шӯяш нахезад,
Ба сараш таъна резад.
Чӣ мешавад кор он гоҳ?
Бояд мо бошем огоҳ.



*Садои мусиқӣ баланд мешавад, овози қаҳрамонҳо ношунаво. Вале маълум аст, ки Лаку Пак аз як тараф, хостгорҳо аз тарафи дигар бо имову ишора баҳсу мунозираи тезу тунд карда истодаанд. Пас аз лаҳзае хеста баҳсро давом медиҳанд. Мусиқӣ давом дорад, саҳна оҳиста-оҳиста торик мешавад.*

## НАМОИШИ ДУВУМ

*Ғизолак кӯза дар даст шоду хуррам ба лаби ҳавз меояд.*

**Ғизолак:** Эй сарҳавзи дилнишин,
Маро бигӯ: як дам шин!
Шинаму гӯям ман роз,
Аз толеам кунам ноз.
Дар хона хостгор аст,
Волидайни дилдор аст.
Ту, ки ҳастӣ ҳамрозам,
Дар назди ту менозам.
Ба кӯзаам бирез об,
Обаки ширину ноб.

*(Ғизолак кӯзаро аз об пур карда рафтанӣ мешавад, вале чизе ба ёдаш меояду дар ҷояш меистад)*

Як дам ист, андеша кун,
Роҳи аҳда пеша кун.
Раваду шавҳар кунам,
Зиндагиро сар кунам.
Шавам аз ӯ писардор,
Хушбахтӣ ояд бисёр.
Писарам калон шавад,
Рӯзе раҳравон шавад,
Оем ин ҷо як замон.
Ҳарду ба ҳайси меҳмон,
«Набера калон шудаст,
Ҳушёру чаққон шудаст»,

Гӯён хоҳиш намоянд.
Ё фармоиш намоянд,
То бачаам об орад.
Аз ҳавз оби ноб орад,
Писарам ин ҷо ояд.
Дар барат шинад шояд,
Оби нобат зам шавад.
Писар сӯят хам шавад,
Лағжида афтад ба об.
Ҷигарам шавад кабоб.

*(Гиря мекунад).*

Вой алами фарзандам,
Писарам, ҷигарбандам.

*(Лак духтарашро ҷуста меояд ва ҳолати ӯро дида дар ҳайрат мемонад).*

**Лак:** Ба ту чӣ шуд, духтарам,
Дилу ҷону ҷигарам?

*(Ғизолак худро ба оғӯши модар партофта, гиря мекунад).*

**Ғизолак:** Бад аст, эй оча, бахтам,
Ман духтари сарсахтам!

**Лак:** Касе бидодат хорӣ?
Чаро ту гиря дорӣ?

**Ғизолак:** Ғам шуда моро пайгир,
Бар дилам бизад чун тир.
Вой алами фарзандам,
Писарам, ҷигарбандам.

**Лак** *(бо ҳайрат)***:**
Кадомин писар ҷонам,
Арӯсаки нодонам?



**Ғизолак:** Бикун гӯш, эй очаҷон,
Дил пур аз ғаму армон.

*Мусиқии пурдард баланд садо медиҳад. Овозҳо шунида намешаванд. Ғизолак кӯшиши хаёлоти содалавҳонаашро бо воситаи ҳаракат ва имову ишора ба модар фаҳмондан дорад. Ҳаракати қаҳрамонҳо бояд бо суръати тез иҷро шавад. Дар ҳавои ҳамон мусиқии шиддатнок як лаҳза пешсаҳна торик мешаваду рӯи ҳавлӣ равшан. Мо мебинем, ки Пак ҳамроҳи хостгорон низ бо чунин шакл баҳс дорад. Хостгорон рафтан мехоҳанд, вале Пак пеши роҳашонро дошта, рафтан намемонад. Чароғ боз пешсаҳнаро равшан мекунад.*

**Лак** *(гиряолуд)***:** Пешбину доноӣ,
Дар ақл мисли моӣ.
Вой алами набера
Моро мондаву мера!

*(Ба саҳна Пак медарояд*)

**Пак:** Чӣ воқеа, чӣ гап шуд?
Гиря дорӣ худ ба худ?

**Лак:** Гӯшам бидеҳ, ҷонам Пак,

**Пак:** Ҳарду гӯшам ба ту, Лак.

**Лак:** Бадбахтӣ шуд домангир,
Ба дил омад мисли тир.
Вой алами набера,
Моро партофта мера!

*Боз ҳамон оҳанги мусиқӣ баланд мешавад. Ин дафъа Лак бо ҳамон шакли дар боло ишорашуда асли воқеаро бо имою ишора ба шавҳараш мефаҳмонад.*

**Пак:** Вой алами набера,
Моро мондаву мера!

*(Ҳозирин гардани ҳамдигарро гирифта чанде гиря мекунанд. Нохост Пак аз гиря бозистода, хурсандона)*

Ғизолак, эй ҷони Пак,
Гиря чаро бедарак**?**
Хостгорон бо ароз,
Рафтанд монанди қоз!

**Лак:** Карданд инҳошон ҳам ноз!
Бишуд аҷаб кори соз!

**Ғизолак:** Шудем озод аз ин ғам,
Шодӣ мекунем ин дам!

(*Мусиқии мутантан садо медиҳад*).

## ҚИСМИ ДУЮМ

## НАМОИШИ СЕ

*Боз ҳамон кулбаи Лаку Пак. Дар хона касе нест. Пак аз шикор бармегардад. Дар китфаш камон. Дар миёнаш як харгӯш ва думи гург. Пак камон ва ҳаргӯшу думи гургро ба шохи дарахт овезон мекунад.*

**Пак:** Бобарор омад шикор,
Худо бишуд мададгор.

(*Пак хонаву ошхонаро кофта зану духтарашро пайдо намекунад*)

Касе набвад дар хона,
Куҷо бошад ҷонона?

*Нохост чизе ба хотираш меояду фонусро даргиронда тозон лаби ҳавз меравад. Чароғ сарҳавзро равшан мекунад. Дар танаи маҷнунбед поҷомаю ҷомаю рӯймоли Лак печонида шудааст. Пак атрофро аз назар гузаронида ба лаби сарҳавз меояд*

Барор овозат, Лакҷон,
Шудаӣ чаро пинҳон?

(*ба даруни ҳавз назар карда):*

Шояд хӯрданӣ наёфт,
Худро ба ин ҳавз партофт?

*(Нохост чашмаш ба ҷомаю поҷомаю рӯймоли занаш меафтад, сахт тарсида)*

Ана, пироҳани Лак,
Ғарқ шудаст ӯ бешак.
Бе Лаку бе Ғизолак,
Чӣ бошад ҳаёти Пак?

*Пак либосҳои рӯпӯшашро кашида тараддуди худро ба об партофтан мекунад. Лаку Ғизолак пайдо мешаванд. Дар дасти Лак каланд.*

**Лак:** Дар ин ҳаво оббозӣ,
Мурғобии ё қозӣ?

**Пак** *(хурсанд шуда)***:**

Ҷонам Лак, ҷон Ғизолак!

**Лак:** Чӣ ҳол аст, эй ҷони Лак!

**Ғизолак:** Ту ба шикор омадӣ?
Худ бобарор омадӣ?



*(Ҳар се ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд)*

**Пак:** Таъхир агар мекардед,
Мерафтам ман ноумед...
Дар ин тирашаб шумо
Чиро меҷӯед ин ҷо?

**Лак:** Дар поёни шаршара
Коридем картушкара.

**Пак:** Як кори аҷаб кардед,
Лекин чаро шаб кардед?

**Лак:** Шаб кирмҳо дар хобанд,
Полезро намеёбанд.
Монданд онҳо дар ғафлат,
Тушка меша беиллат.

**Пак:** Боракалло, ман қоил,
Фаровон шавад ҳосил...
Пас чаро дар ин ҳолат
Почомаву рӯмолат?
Инаш ончунон хандид
Ки охир дилаш кафид!

**Лак** (*думи гургро гирифта)***:**
Думи чӣ аст ин бадбӯ?
На тан дораду на рӯ?

**Пак:** Рафтам, дар китфам камон,
Дидам изеро аён.
Дидам дар раҳ, гурге хоб,
Ҳолам шуд каме нобоб.
Фаромӯшам шуд камон,
Биларзидам тану ҷон.
Нотарсиам аввал кост,
Ёдам омад ногаҳ, дост.

Буридам думи он шум,
Инак, пешатон он дум.

**Лак:** Паки ҷон қаҳрамонӣ,
Нотарси ин ҷаҳонӣ!

**Ғизолак:** Бикард ҳайвон худро гум
Ё карда сӯят ҳуҷум?

**Пак:** Қаблан сайёди дигар
Буридааст ӯро сар!
Монда шуд ҷону танам,
Як дами беғам занам.
Фардо рамазон ояд,
Саҳар хестан мебояд.

*Ғизолак болои суфа барои падару модар ҷои хуб омода месозад. Худ дар хонаи дарун хоб мекунад. Лаку Пак ба ҷойгаҳашон медароянду Лак сару гардани шавҳарашро молиш медиҳад.*

**Лак:** Ин сӯ биё, ҷони Лак...

**Пак:** Тарбузи ғелони Пак.

**Лак:** Хобам паридаст, эй Пак,
Навозиш мехоҳад Лак...

**Пак:** Бихоб, ту эй нағзи ман,
Бодоми думағзи ман.

**Лак:** Духтарат дар хоби ноз,
Бигӯ ба ман каме роз.

**Пак:** Дар ин шоми арафа
Шавад рамазон хафа!

*(Рӯяшро гардонида хоб меравад).*

## НАМОИШИ ЧОР

*Боз ҳамон хонаи Лаку Пак. Лаку Пак болои суфа хоб. Ғизолак тозон ба назди онҳо меояд*

**Ғизолак:** Хезед, аё волидон,
Хуршед шуд намоён!
Ҳайфи аҳди дирӯза,
Чӣ шуд нияти рӯза?

(*Лаку Пак зуд хеста ҳайрону гаранг болои ҷойгаҳ меистанд)*

**Лак:** Айби хурӯс ин, ки хуфт,
Аз субҳ ҳарфе нагуфт.

**Лак:** Чӣ бояд бо он лаин?
Бо он хоини бедин?

**Пак:** Ҳукми қатл ӯро раво,
Мешавад ҷонаш раҳо!

*Пак аз зери болишт кордашро гирифта бо қайроқ, тез карда бо занаш сӯи мурғхона меравад. Овозу мағали мурғон шунида мешавад. Ғизолак ин дам чойгаҳро меғундорад. Пак назди духтараш омада:*

Бишнав маро, Ғизолак,
Ту духтари хушфолак.
Ҳастӣ боақду ҳушёр,
Ин сирро махфӣ бидор!

**Ғизолак:** Кадом сирро, дадаҷон,
Нигоҳ, дорам ман пинҳон?

**Пак:** Охир, бо айби хурӯс
Рӯзаро хӯрдем, афсӯс...

**Ғизолак:** Машав ҳаргиз хавотир,
Пинҳон мемонад ин сир!

**Пак:** Эй марҷонаки ман, эй дур,
Аз ту дилам доим пур.

**Лак** *(чой оварда)***:**
Ғизолакам, нон биёр,
Рӯи дастурхон гузор!

**Пак** *(бо овози паст)***:**
Паст бизан гапатро
Корамон меша расво!.

(*Ғизолак дастурхон меорад*)

Бояд хомӯшак шишта,
Кунем акнун ноништа...

*Лаку Ғизолак бо аломати тасдиқ, сар меҷунбонанд. Пак ишора мекунад, ки занаш хурӯси бирёнро биёрад. Лак хурӯсро оварда назди Пак мегузорад. Пак онро ба даст гирифта мехоҳад майда кунад ва Лак бо як ҳаракат хурӯсро аз дасти шавҳараш кашида мегирад. Ҳама дар ҳайрат. Лак бо имову ишора чизе мегӯяд, вале Пак намефаҳмад.*

**Пак:** Нафаҳмидам розатро,
Бибарор овозатро!

**Лак:** Ин хурӯси беимон
Ҳамдил шуда бо шайтон,
Пас гӯшташ ҳаром аст,
Хӯрданаш кори хом аст.

**Пак** *(каме андеша карда)***:**
Гапат дусад фоиз рост
Охир, ӯ душмани мост!

Бараш назди вафодор
Аз гӯшташ мо ҳам безор!

*(табақро ба як сӯ мемонад)*

Беҳтар он ки нон хӯрем,
Яккафӣ талқон хӯрем.

*Ҳар се хомӯш омодаи чойу нонхӯрӣ мешаванд, банохост маъоси гӯсола ба гӯш мерасад. Пак бо ҳарос дар ҷояш шах шуда мемонад. Мусиқии воҳиманок садо медиҳад.*

**Пак** (*бо тарс):* Худ шунидед овозаш,
Пай бурдед аз он розаш?

**Лак:** Чӣ роз буд, надонам,
Аз он шуд талх нонам.

**Пак:** Овозаш муаммо дошт,
Ситезе сӯи мо дошт.

**Ғизолак:** Муаммову розаш чист?
Ситези овозаш чист?

**Пак:** Рӯза хӯрдем, ӯ фаҳмид,
Аҷаб не, ки моро дид.
Шаҳр дорад дарвоза,
Ин гап шавад овоза.
Шавем мо шарманда,
Мардум ба мо механда!

**Лак:** Агар расад гап ба шоҳ,
Партояд моро ба чоҳ.

*(Ҳар се гиря мекунанд).*

**Пак** (*аз гиря боз истода*)**:**

Рафтем даргоҳи шоҳ,
Кунемаш аз ҳол огоҳ.

**Лак:** Чун мебояд гуфтугӯ,
То меҳрубон шавад ӯ?

**Пак:** Мегӯемаш бо исрор,
Бо гиряи талху зор:
Гӯсола тӯҳматчӣ аст!
Шаттоҳу ғайбатчӣ аст!
Моем аз гуноҳ орӣ,
Корамон – рӯзадорӣ!

**Ғизолак:** Чӣ мешавад ҳоламон?
Ё раб, шунав ноламон!

*Дарвоза тақ-тақ мешавад. Ҳамагон аз тарс дар ҷойҳояшон шах шуда мемонанд. Ғизолак сӯи дарича рафтан мехоҳад*

**Пак:** Худо зад бар сари мо,
Даричаро накушо!

(*тақ-тақи дар баланд мешавад*)

**Овоз:** Шумо ин ҷо, огоҳам...
Ман як надими шоҳам!

**Лак** *(гиря мекунад)***:**

Чӣ рӯзи наҳс, эй Худо,
Овардӣ бар сари мо!

**Пак:** Ҳама айби гӯсола!
Бас кун гиряву нола!

**Ғизолак:** Наояд ғазабаш боз,
Равам дарро кунам боз.

*(Ғизолак рафта дарро мекушояд ва ҳамроҳи надим бармегардад).*

**Надим** (*бо виқор*)**:**

Кишваркушои ҷавон,
Султони давру замон,
Ҷаноби олимақом,
Подшоҳи хушандом.
Омад ба ин сарзамин,
Ба ин мулки нозанин.
Кард шикори ғизол,
Оҳуву мурғи ҳилол...
Дар лаби ҳавзи қозӣ,
Шояд кунад оббозӣ,
Рӯбед он ҷоро бояд,
То дили шаҳ кушояд.
Чизе ки доред, оред,
Дареғ аз шаҳ надоред!

*Надим баромада меравад. Лаку Пак ва Ғизолак як лаҳза шах шуда мемонанд. Мусиқии шиддатнок баланд садо медиҳад. Ҳар се бо суръати тез ҳар чизе, ки дар хона доранд ба лаби сарҳавз мекашонанд. Аз ҷумла: дастурхон, пӯстак, кӯрпача ҷорӯбу дос, белу каланд, дегу шоха ва ниҳоят меваю мурғи бирёншуда. Дар айни ин кор подшоҳ, дар китф камон ва дар бар ду-се кабку мурғи ҳилол, ҳамроҳи надим вориди саҳна мешавад. Дар китфи надим хӯрҷини пур аз чизу чора, Лаку Пак ва Ғизолак подшоҳро дида, таъзим мекунанд.*

**Шоҳ:** Бурдам аз ин табиат
Ман як ҷаҳон ҳаловат.

*(Ҳозиринро дида, аз надим пурсон мешавад):*

Кистанд инҳо, ин ҷо рост,
Истода бо белу дост?
Лашу луше, ки ин ҷост,
Барои ман муаммост.

**Надим:** Бидиҳед, эй азизон,
Ҷавоби шоҳи даврон!

**Пак:** Доданд ин кас дастур,
Ба мои бас камшуур:
«Чизе, ки доред, оред!
Дареғ аз шаҳ, надоред»!
Инак, мо баровардем,
Ҳарчимон буд, овардем.

*Шоҳ ва надим қоҳ-қоҳ, зада механданд. Сипас шоҳ халтачаи пур аз зарро сӯи Пак ҳаво дода:*

Гир инро, нӯши ҷон кун,
Мушкилатро осон кун.

*Лаку Пак ва Ғизолак таъзим мекунанд.*

Дигар хоҳиш надорӣ?
Бигӯ, медиҳам ёрӣ.

**Пак:** Эй шоҳи беҳтар зи ҷон,
Мушкилеро кун осон:
Тӯҳматчӣ як гӯсола,
Бад кардааст аҳвола!
Гӯсоларо ҷазо деҳ,
Даво ба дарди мо деҳ.

(*Шоҳу Надим ин гапро шӯхӣ пиндошта, завқ, карда механданд)*

**Шоҳ:** Писанд омад шӯхиҳот,
Кардиам бо шӯхӣ мот.
Гӯсоларо, аё ёр,
Пазу пеши мо биёр.
Хӯрда бо иштиҳояш,
Диҳем аҷаб ҷазояш!

**Пак:** Ташаккур, шоҳи олам,
Аз чораат хушҳолам.

**Шоҳ:** Моро омадӣ писанд,
Шуд эҳтиромат дучанд.

*(ба Ғизолак ишора карда)*

Духтаратон моҳлиқо?
Ҳусну ҷамолаш баҷо!
Шавҳар дорад ва ё на?
Бошад духтари хона?

**Пак:** Духтари хона аст ӯ,
Моро ягона аст ӯ.
Беғаш аст ӯву пок аст,
Мисли ниҳоли ток аст.

**Шоҳ:** Бидеҳ ба ман токатро,
Ин беғашу покатро.
Шавад зеби боғи ман,
Орому фароғи ман.
Кунам яке хушбахташ,
Зеби тоҷашу тахташ.

*Лаку Пак аз хурсандӣ гиря мекунанд. Ғизолак шармида сӯи хона медавад.*

Бишав моро интизор,
Эй мардаки беозор,

Як ҳафта пас меоем,
Базме хуш мероем.

*Шоҳ пеш-пеш, надим аз қафо баромада мераванд. Садои шиҳакашӣ ва дави аспон шунида мешавад.*

**Пак:** Тарбузи ғелони Пак!

**Лак:** Чӣ мегӯӣ, ҷони Лак?

**Пак:** Ин чӣ ҳоле бо мо буд?

**Лак:** Афсонае зебо буд!

*Мусиқии тӯёна садо медиҳад. Лаку Пак ҳоло ҳам ба худ наомадаанд. Саҳна оҳиста-оҳиста торик мешавад.*

**Поёни намоиш**

# НАЙИ СЕҲРНОК

*(афсона иборат аз ду пардаву чор намоиш)*

ИШТИРОКДОРОН:

1. Саг
2. Заргӯш
3. Шағол
4. Гург
5. Хирс
6. Баҳор

## НАМОИШИ I

*Оғози фасли баҳор. Чаҳ-чаҳи парандагон ба гӯш мерасад. Саҳари барвақт Заргӯш бо сару либоси варзишӣ суруддеро зери лаб зам-зама карда, машқи бадан мекунад*

**Заргӯш:** Ман Заргӯши ҷасурам,
Ман нотарсу ғаюрам.
Бо Шағолам бошад ҷанг.
Гургро ҳамекунам танг.
Яку дую, сею чор,
Мекунам машқа такрор.

*Шағол намудор мешавад. Дар борхалтааш карам дорад. Машқи Заргӯшро каме тамошо карда:*

Буд ноҷинсу нотавон,
Харобу қоқи беҷон,
Аз соям метарсид,
Аз овозам меларзид,
Шуда зӯру тавоно,
Танумaнд асту доно,

Машқаш карда тануманд,
Маро надорад писанд!
Бояд кунам андеша,
Айёрӣ кунам пеша...

(*бо овози баланд):*
Зиҳӣ Заргӯши доно,
Варзишгари тавоно!

**Заргӯш:** Салом, эҳ- ҳе Шағолак,
Шағолаки беҳолак.

**Шағол:** Дуруст ин гап, беҳолам,
Аз тақдирам менолам.

**Заргӯш:** Бас кун фиребу золӣ,
Чаро чунин менолӣ?

**Шағол:** Золӣ пешаи рӯбоҳ,
Ман инчунин наям...Оҳ!
Бигӯ бешабон кучост,
Ба назарам камнамост...

**Заргӯш:** Моҳӣ мекунад шикор,
Хирсаш ҳамроҳ асту ёр.

**Шағол:** Шуда хушомадпеша,
Ба бузургони беша?

**Заргӯш:** Бигӯ ба ман дорӣ кор?
Ё дар бағал дорӣ мор?

**Шағол:** Гуруснаву ночорам,
Талбандагӣ шуд корам.

**Заргӯш:** Мазан лофи ночорӣ,
Айб аст, бипурсӣ ёрӣ.

На пири барҷомонда,
Пое ба ҳар ҷо монда.
Наӣ зору бенаво
Чӣ лозим чунин гапҳо?

**Шағол:** Саги ҳамсояат боз
Душманӣ карда оғоз,
Ҳоламро мекунад танг,
Дорад бо ман доим ҷанг!

**Заргӯш:** Вафодор ин гуна нест,
Бигӯ асли гапро чист?

**Шағол:** Шикори мо баста шуд,
Диламон шикаста шуд.

**Заргӯш:** Боре бикун андеша,
Ҷои шикор аст беша?
Моли одамон он ҷо,
Барраву говон он ҷо.
Дарандаҳои бебок
Мекунандашон ҳалок!

**Шағол:** Пас хоки сияҳ хӯрем?
Гурусна монда мурем?

**Заргӯш:** Ин сарзамин беканор,
Фаровон ҷои шикор!
Метавон дар Гулдара
Шикоре кардан сара!

**Шағол:** Он ҷо дуру нобоб аст,
Бешазори хароб аст.
Бишнав, маро, эй Заргӯш,
Бигир ин гапро дар гӯш
Туӣ бо ӯ дар ба дар,
Бикун сӯҳбат бо Хайбар.

Монад, ман ҳам кунам кор,
Гоҳ- гоҳе кунам шикор.

*Аз халтааш гулкарам бароварда пешкаш мекунад.*

Подоши хизмат бигир,
Гулкарами беназир.

**Заргӯш:** Аз полези одамон?
Росташро гӯ беимон!

*(Шағол сар ҳам мекунад)*

Дуздиву бе нангу ор!
Дафъ шав аз пешам, бадкор!

*(Шағол бо сари хам мехезад, вале омадани сагро пай бурда, пинҳон мешавад).*

**Саг** *(аз дур)***:** Заргӯшо, мани гаранг,
Афтидам болои санг.
Бигӯ, биёяд табиб,
Ки миёнам шуд маиб!

**Заргӯш:** Худам табиби ҳозиқ,
Парво накун, машав зиқ.
Масҳат кунам бо равған,
Бар ҳунарам диҳӣ тан!

**Саг:** Ту худ мекунӣ ёрӣ,
Ё бо ман шӯхӣ дорӣ?

**Заргӯш:** Дароз каш рӯи сабза,
Бисанҷам аввал набза.

*(Саг болои сабза дароз мекашад, Заргӯш набзашро санҷида, масҳ мекунад).*

**Саг:** Ҳама ҷоям озурда,
Асли фарёд аз гурда!

**Заргӯш:** Акнун бигӯ, чӣ гап шуд?
Посбоният сабаб шуд?

**Саг:** Хонда тарона кам-кам,
Мерафтам бо сари хам.
Касе зарба зад ногоҳ,
Афтидам даруни чоҳ,
Моҳиамро ҳам рабуд...
Надонистам ӯ кӣ буд.

**Заргӯш:** Ин қасд асту қасос аст!
Шояд ягон асос аст?

**Шағол** *(худ ба худ)*:
Аниқ кори Шағол аст!
Шавҳарам бадаъмол аст.

**Саг:** Аз зоғ биомад хабар:
Ин кори Шағоли нар!

**Шағол:** Зоғи сиёҳи қар- қар,
Думликони шумхабар.

**Заргӯш:** Бигӯям бояд ин ҳол:
Ин ҷо буд модашағол.

**Саг:** Албатта, тамае дошт,
Ки меояд субҳу чошт.

**Заргӯш:** Бо гиряву бо нолиш,
Аз ман бикард ӯ хоҳиш.



**Саг:** То ки дар ин бешазор
Кунад табъи дил шикор?

**Заргӯш:** Оре, қасдаш ҳамин буд,
Дар дилаш аммо кин буд.

**Саг:** Хом аст фикри Шағол,
Он ҷо чарад гову мол!

**Заргӯш:** Порааш бин гулкарам,
Сураш кардам аз дарам!

**Шағол** *(худ ба худ):*
Ҷотон шавад гӯри танг,
Дар сари гӯратон санг!

**Заргӯш:** Акнун ба ман шуд фаҳмо
Ин розу ин муаммо:
Зану шавҳар якҷоя,
Поидаанд-да моя.
Шавҳараш дар сари роҳ
Бинмудат тела ба чоҳ.
Чун зӯри бозуям дид,
Хонумаш аз ман тарсид!

**Шағол:** Дар болои полезат
Санги сиёҳ бирезад.

**Саг:** Барқияе хаткашон
Оварда, канӣ, бихон!

**Шағол:** Салом, аё Саг, эй ёр,
Посбонҷони дилбедор,
Арафаи Наврӯз аст,
То тантана чанд рӯз аст.
Агар ту хоҳиш дорӣ,
Биё пешам ба ёрӣ.

Бубинем андар дара,
Дар поёни шаршара,
Дар паси дарахти бед,
Хонаи Хирси Сафед.
Пинҳон найи сеҳрдор,
Ҳаст он ҷо, даруни ғор
Бо худ гирифта найро,
Найи хуҷастапайро,
Табобати ҷон кунем,
Ёрӣ ба ёрон кунем.
Аз Фил то ба Калламуш,
Сиҳат шаванду боҳуш,
Бо салом, эй вафодор,
Дуогӯи ту – «Баҳор»

**Саг:** Боандеша Баҳор аст,
Кораш беҳтарин кор аст!

**Заргӯш:** Аз молиши ман чӣ суд?
Фардо солим хоҳӣ шуд.

**Шағол:** Шағоло, биҷӯ тадбир,
Бо ҳилае найро гир!

## НАМОИШИ II

*(Хонаи Гург. Гург болои курсӣ дар паси миз нишаста, чизеро ҳисобу ҳасаб дорад. Дар чашмонаш айнак. Шағол медарояд).*

**Гург:** Дилу ҷигар шаш кило
Устухонаш...

**Шағол** *(худ ба худ ба Гург)***:**
Ваҳ, бало!
Дароям ё бароям?
Ё... вақти дигар оям?

*(Гург ғарқи андеша ҳисобу ҳасабашро давом медиҳад).*

**Гург:** Каллаву почаву дум...
Эҳ! Ҳисобам бишуд гум!

**Шағол:** Гург-амак, ҳо, Гург-амак,
Маро гӯш кун як дамак!

**Гург:** Ҳа... ин туӣ, Шағолак?

**Шағол:** Бале, манам, Гург-амак.

**Гург:** Бигӯ гапатро, эй ҷон,
Маро аз корам намон.

**Шағол:** Мехоҳӣ сер бошӣ?
Монанди Шер бошӣ?

**Гург:** Мехоҳам!

**Шағол:** Ҷасуру бардам бошӣ?
Хурсанду беғам бошӣ?

**Гург:** Мехоҳам, мехоҳам!
Эй ёри дилогоҳам.

**Шағол:** Бишав пас соҳиби най!
Ин азобат то ба кай?

**Гург:** Гапат пур аз муаммо,
Ё майнаат шуд беҷо?

**Шағол:** Ошноят ҳоло доност
Майнааш ҳанӯз баҷост!

**Гург:** Шудаӣ ту девона,
Аз ақли худ бегона!

Он най наояд ба даст,
Хаёлат хоми хом аст!

**Шағол:** Медонам ҷои онро,
Он оромаки ҷонро.
Пинҳон аст он дар дара,
Дар поёни шар-шара,
Дар паси дарахти бед,
Дар дасти Хирси Сафед!

**Гург:** Дар дасти пири хирсон?
Чӣ хел шуд ин сир аён?

**Шағол:** Пинҳонӣ бикардам гӯш,
Сӯҳбати Сагу Заргӯш.

**Гург** *(хурсанд шуда)***:**
Исто, исто Шағолак,
Шағолаки хушфолак,
Доноиву айёрӣ,
Мисли рӯбаҳ маккорӣ.
Найро чӣ сон ситонем,
Ба он лабро расонем?

**Шағол:** Филҳол моро бетаъхир,
Бояд намудан тадбир!

**Гург:** Гузар кун аз хӯрду хоб,
Худат тадбире биёб!

**Шағол:** Ҳама кори дунёра
Илоҷе ҳасту чора!

*(ба гӯши Гург чизе мегӯяд)*

**Гург:** Балоӣ ту!

**Шағол**: Агар сагро биронам,
Соҳиби беша монам!
Ту, эй аҷоиби ман,
Мешавӣ ноиби ман!

**Гург:** Гург - ноиби Шағол?
Даъво дорӣ бемалол?
Чӣ сон ту носипосӣ
Аз ман намеҳаросӣ?
Ҳолат бе ман хароб аст,
Саломат беҷавоб аст!

**Шағол:** Ҳаётамро дар хатар,
Ман бимонам бесамар?
Пас ман рафтам...

**Гург:** Бишав гум!
Шайтони бегӯшу дум!

**Шағол** *(гиряи сахт карда)**:***

Се сол ман дар барат,
Мегардам гирди сарат,
Ато кардам хизматат
Дод аз дасти ҳимматат,.
Нолам аз дасти дунё,
Худро занам ба дарё! *(рафтанӣ мешавад)*

**Гург:** Накун нозу карашма,
Бимон як тараф хашма!
Ситонем аввал найро,
Найи хуҷастапайро.
Пас бе фиребу бе фан
Мешавад худ муайян.
Насиби кӣ бошад най
Он найи хуҷастапай!

**Шағол:** Ман ба фикрат тарафдор!

**Гург:** Бояд шуд аз паси кор!

## НАМОИШИ III

*Дараи хирсон. Дар баландӣ хонаи Хирс намудор аст. Дар даст борхалта саросема Гургу Шағол вориди саҳна мешаванд. Дар ҳаяҷонанд.*

**Шағол:** Инак, ҳамон Гулдара,
Ҳо, ана, он шаршара.

**Гург:** Хонаи Хирс аст он ҷо,
Касе пайдо нест, аммо.

**Шағол** *(дурбинро гирифта атрофро назар мекунад):*

Нишаста андар он хам
Сагу Заргӯш бо ҳам.
Саг мебошад бе камон
Сад шуд ҳама корамон!

**Гург:** Ту доматро дар роҳрав,
Бимону худ пинҳон шав,
Ба болояш хас бимон,
То набошад намоён.

*Шағол аз борхалта домро гирифта, дар таги хас пинҳон мекунад. Худ низ ҳамроҳи Гург пинҳон мешавад. Сагу Заргӯш меоянд. Дар роҳрав Саг ба дом меафтад. Заргӯш ба ёрӣ мешитобад. Гургу Шағол ноаён ҳуҷум карда дастони Заргӯш ва Сагро ба пуштонашон мебанданд.*

**Заргӯш:** Гургу Шағол ин ҷоед?
Ин ҷо шумо чароед?

**Гург:** Мо ба шикор омадем!

**Шағол:** Баҳри ниқор омадем!

**Саг:** Ҳардуятон номардед,
Аз фикратон баргардед!

**Шағол** *(ба Саг):*
Эй посбони беша,
Кардӣ бемеҳрӣ пеша,
Акнун ба ҷоят манам,
Теша ба поят занам.

**Гург:** Ана, ин ғори бетаг
Бошад интизори саг.
Заргӯшак ҳамроҳи ӯст,
То охир бимонад дӯст!
Заргӯшак мешавад ҳайф,
Шояд кунем аввал кайф.
Аввал ӯро бихоем,
Пас он ба чоҳ партоем?!

**Шағол:** Аз бӯи хунаш, эй ёр,
Мешавад Хирс бедор!

**Гург:** Ҳайфо!

**Саг:** Шумо ҳарду қотилед,
Бадкинаву бадгилед!

*(Гургу Шағол Сагу Заргӯшро бурда ба чоҳ мепартоянд).*

**Шағол:** Нақшаи як иҷро шуд,
Ҳарду дар чоҳе ҷо шуд!

**Гург:** Нақшаи дуро сар кун,
Либосатро бадар кун.

*(Шағол зуд либосҳои рӯпӯшашро кашида, либосҳои баҳорро мепӯшад. Ба сараш кулоҳи гулкорӣ мемонад. Гург ёрӣ медиҳад).*

**Гург:** Шудӣ баҳори аслӣ,
Гӯё худи ин фаслӣ!

**Шағол:** Дуои некат, эй ёр,
Шавад ба ман мададгор.

**Гург:** Барори корат хешам,
Ман рафта пинҳон мешам.

*(Гург дар паси санг пинҳон мешавад. Шағол назди даричаи хонаи модахирс меравад ва зангӯлаи овезонро мезанад).*

**Шағол:** Ман Баҳорам, ман Баҳор,
Хобӣ ту, ё ки бедор?

**Овози Хирс:** Бедорам, эй ҷон бедор,
Ин туӣ фасли Баҳор?

**Шағол:** Эй Хирс, оре баҳорам,
Туро ман интизорам.

**Овози Хирс:** Мебароям ҳамин дам,
Эй Баҳори хушқадам.

**Хирс** *(мебарояд, дар чашмонаш айнаки сиёҳ, маълум ки чашмонаш хира).*
Пах- пах бӯи Баҳор аст,
Дунё гулу гулзор аст.

*(Хирс Шағолро дида Баҳор гумон мекунад)*

Баҳоро, хуш омадӣ,
Дари маро ҳам задӣ!

**Шағол:** Салом, эй некӯпеша,
Паҳлавони ин беша.

**Хирс:** Рафта паҳлавониям,
Давраи ҷавониям.

**Шағол:** Найи пурсеҳрат куҷост?

**Хирс** *(дар ҳайрат)***:**
Андар ҷевонам баҷост.

**Шағол:** Бираву зудаш биёр,
Аҳли беша интизор!

**Хирс:** Баҳори некӯхисол,
Дорам ба ту як суол:
Будӣ ту ширинзабон,
Чароӣ талх ин замон

**Шағол:** Ҳамон Баҳорам, эй Хирс
Лекин беморам, эй Хирс.
Ҷои шумо хунук аст,
Либоси ман тунук аст.

*(атсаи сохтакорона мезанад)*

Хӯрдам шамоли бисёр,
Амонатро зуд биёр.

**Хирс** *(худ ба худ)***:**
Ин ҳама муаммо аст,
Гапҳояш бемаъно аст.

*(Хирс барои най меравад. Гург бо ишора ба Шағол мефаҳмонад, ки ҳамааш соз. Хирс найро гирифта меорад)*

**Хирс:** Марҳамат.

**Шағол** *(найро гирифта):*

Бемор бисёр имсол...
Аз дидорат ман хушҳол!
Хайр...

*(Шағол саросема баромада меравад)*

**Хирс** *(дар даромадгоҳи хонааш нишаста, бо ҳайрат)*

На гул доду на асал
Барои мани касал.
Ӯ чӣ гуна Баҳор аст
Гӯё саросар хор аст...

*Аз дур овози Баҳор шунида мешавад. Фасли баҳор бо сару либосҳои рангорангу гулпӯш меояд.*

**Баҳор:** Эй водии зарнисор
Эй дарёи нуқрабор,
Дарёву кӯҳу беша,
Сарсабз шоху реша
Парандаву чаранда.
Дарандаву хазанда.
Ба назди ман бароед,
Оғӯши худ кушоед.

*(Хирс бо ҳайрат ба Баҳор нигоҳ мекунад)*

Эй модахирси оқил,
Ман бар ту додаам дил.
Найи пурсеҳрам барор,
Ки ояд барори кор.
Шифо бахшам бар вуҳуш
Аз Фил то Калламуш!

**Хирс:** Дар хобам ман ё бедор?
Боз омада як Баҳор?!

*(Баҳор ба Хирс асал ва дастаи гулро дароз мекунад).*

**Баҳор:** Гулҳои хушгувор аст,
Тӯҳфаи навбаҳор аст.
Ин асал аз гули он,
Ба ту мебахшад дармон!

*(Ҳолати ногувори Хирсро пай бурда):*

Ташвише дар сар дорӣ...
Шояд диҳам ман ёрӣ?

**Хирс:** Оё ту худ Баҳорӣ?

**Баҳор:** Ман Баҳорам.

**Хирс:** Эй вой, хӯрдам ман фиреб,
Буда ҳаминам насиб.

**Баҳор:** Чӣ сон фиреб?

**Хирс:** Эй Баҳор,
Фиребам дода маккор!
Гирифта аз ман найро
Найи хуҷистапайро...

**Баҳор:** Куҷо рафт он бешараф?

**Хирс:** Ба фикрам ба ин тараф!

**Баҳор**: Оре, оре, дар дара
Дидам дуто ҷонвара,
Яке гургу...

*(Овози нолиши Сагу Заргӯш суханашро мебуранд).*

**Сагу** Наҷотамон деҳ Баҳор,

**Заргӯш:** Аз ин чоҳамон барор!

**Хирс:** Касе мекунад фарёд.

**Баҳор:** Мехоҳад, оре, имдод.

**Хирс:** Мебояд додан ёрӣ.

**Баҳор**: Ресмон оё дорӣ?

**Хирс:** Дорам

*(Хирс барои ресмон меравад. Баҳор назди чоҳ меояд).*

**Баҳор:** Кунед замонаке сабр,
Кӣ бо шумо карда ҷабр?

**Овози Саг ва Заргӯш:** Манам Заргӯш, манам Саг,
Моро ба чоҳи бетаг
Партофта ду бадкор,
Гар некӣ, моро барор!

*(Хирс ва Баҳор Сагу Заргӯшро аз чоҳ мебароранд).*

**Саг:** Шағолу Гург, эй ёрон,
Ки ҳастанд аз бадхорон,
Моро бе ягон гуноҳ
Партофтанд дар чоҳ.

**Хирс:** Фаҳмидам, буд ӯ Шағол ,
Аз пояш равам дарҳол,
Бо Гург ёбам вайро
Гирам аз дасташ найро!

**Ҳама:** Якҷоя кобемашон,
Албатта ёбемашон!

*(Шитобон аз саҳна мебароянд)*

***Торикӣ***

## НАМОИШИ IV

*(Хонаи Гург. Шитобон Гургу Шағол вориди он меша-ванд. Дар дасти Шағол най).*

**Гург:** Хуш бодо ҳолу фолат,
Аъло бозидӣ ролат.

**Шағол:** Мекард Хирс пайхас,
Умрам мешуд барабас.

**Гург:** Хайрият, ки нафаҳмид.

**Шағол:** Дар мо Баҳорро бидид.

**Гург:** Ахмақ шуд он Хирси пир!
Канӣ, найро ин сӯ гир!

**Шағол:** Агар ҳастӣ ба ман ёр,
Маро сода напиндор.
Аввал қуръа бупарто,
Насиби ман шавад, ё...

**Гург:** Партоям, ин най ҳатман,
Мешавад насиби ман.

*(Гург буҷул мепартояд, вале табъи дил не).*

Ҳилаҳоятро дидам,
Найрангатро фаҳмидам,
Ман аз нав мепартоям,
Ҳатман ғолиб меоям!
Боре,эй пири қимор,
Бишав маро мададгор.

**Шағол:** Эй Гург, бар ҳолат вой,
Ин дафъа ҳам додӣ бой.

Акнун ман мепартоям,
Ҳатман ғолиб меоям

*(Шағол буҷул мепартояд).*

*(Номаълум Баҳору Хирс ва Сагу Заргӯш вориди саҳна мешаванд. Онҳо оҳиста ба пешсаҳна омада, ба гапҳои Гургу Шағол гӯш меандозанд. Сипас бо маслиҳат Сагу Заргӯш дар самти чап ва Баҳору Хирс дар самти рост пинҳон мешаванд).*

**Шағол:** Ура! Ура! Буридам!

**Гург:** Ман найрангатро дидам,
Най аз ман аст, эй Шағол,
Макун худатро бадҳол!

**Шағол:** Аз ман аст, аз ман аст!

**Гург:** Аз ман тамом!
Зиндагӣ бар ту ҳаром!

*(Байнашон кашмакашӣ мешавад)*

**Шағол:** Агар туӣ зӯр аз ман,
Бишав акнун кӯр аз ман!

*(Як каф хокро гирифта ба чашми Гург мепошад ва худ гурехтанӣ мешавад, ки Хирс аз дасташ медорад. Гург низ чашмонашро молида, чор тараф метозад ва ба дасти Хирс меафтад).*

**Хирс:** Ин чӣ шӯру чӣ мағал,
Ба осонӣ нашуд ҳал?

**Гург:** Айби Шағол!

**Шағол:** Айби туст!

**Хирс:** Шояд буд аз баҳри най,
Хархашаи ту бо вай?

**Шағол:** Кадомин най?

**Хирс:** Ҳо, айёр,
Найи пурсеҳри Баҳор!

**Шағол:** Аҷаб шӯхед.

**Баҳор:** Заргӯшу Сагро дар ғор
Бикардед луқмаи мор.

**Гург:** Ин тӯҳмат!
Ку шоҳиду адвокат?

*(Сагу Заргӯш мебароянд)*

**Сагу Заргӯш:** Бешарму беҳаёед!

**Шағол:** Шумо? Шумо инҷоед?

*(Гург ба Шағол хуҷум карданӣ мешавад, вале сагу Заргӯш пеши роҳашро мегиранд)*

**Гург:** Гуфтам аввал бихоям,
Пас ба ҷарӣ партоям.
Ту намондӣ, эй бадкин,
Акнун ҷазоятро бин!

**Хирс** *(ба Шағол)***:**
Акнун ту найро барор!
Бигу ба ту чӣ даркор?

*(Шағол бо сари хам найро ба Баҳор медиҳад):*

**Гург:** Пушаймонам... пушаймон,
Бубахшед, эй азизон!

**Баҳор:** Гуноҳатон вазнин аст,
Қарори мо чунин аст:
Ин ду тани бадкеша
Мо меронем аз беша!
Беша бояд монад пок
Бадхоҳаш шавад дилчок!

**Хирс** *(ба Баҳор)*:
Навоз акнун наятро,
Он хуҷастапаятро
То аз сози табиат
Дилҳо ёбад табобат!

*Гургу Шағол сархам баромада меравand, найи Баҳор садо медиҳад.*

**Поёни намоиш**

## АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

*(Тахайюлоти тамсилӣ)*

**Иштирокдорон:**

**1. Шайтон**
**2. Арақ**
**3. Сигор**
**4. Ифлосак**
**5. СПИД**
**6. Нашъа**
**7. Ақл**
**8. Ирода**

### ПЕШСАҲНА

*Оҳанги ғамангези ҳаяҷоновар садо медиҳад. Саҳна торик ва пас аз лаҳзае равшан мешавад. Дар охири саҳна Ифлосак, Нашъа, Спид, Арақ, Шайтон, Сигор бо либосҳои ба худ хос дар як қатор истодаанд. Дар дасти ҳар якашон камон. Онҳо чун афсарон баробар қадам зада, ба пешсаҳна меоянд ва дар як саф меистанд. Сипас баробар камонҳояшонро ба тарафи тамошобинон рост мекунанд. Дар ҳолате ки омодаи паронданaнд, саҳна нохост нимторик мешавад, оҳанги мотам садо медиҳад, аз қафои саҳна ду-се тобутро мегузаронанд.*

*Шӯълаи чароғ саҳнаро равшан мекунад. Дар кунҷи чапи саҳна ресмони ҳалқадор овезон аст. Ҷавоне, либосҳои ифлосу дарида дар тан, бо ришу фаши расида ба сӯи ҳалқа меояд. Ба болои курсӣ баромада, ҳалқаро чен мекунад, чашм ба сӯи тамошобинон ба нуқтае менигарад ва пас ҳалқаро ба гарданаш меовезад.*

**Ақл:** Сабр кун, як дам биист!
Худкушӣ аз баҳри чист?
Чаро илоҷат дор аст?

**Ҷавон:** Туро бо ман чӣ кор аст?

**Ақл:** Аз ёр омад хиёнат,
Ки медиҳӣ ту ҷонат?

**Ҷавон:** Хиёнатро ман кардам,
Бедаво аст ин дардам...
Бигӯ, кадом арвоҳӣ?
Аз ман ту чӣ мехоҳӣ?!

**Ақл:** Ман ақли солим ҳастам,
Наҷоти ту дар дастам.
Бигӯ ба ман дарди худ,
Чораат мекунам зуд.

**Ҷавон:** Ин дарди ман бедавост,
Марги яқинам сазост.

**Ақл:** Мурдан намешавад дер,
Аввал мебояд тадбир.

**Ҷавон:** Шудам аз нашъа муфлис,
Гум кардам шууру ҳис.
Инак, хору зорам ман.
Шахси нодаркорам ман.
Ёрон аз ман гурезанд,
Бо банда дар ситезанд.
Арӯсам шавҳар карда,
Ҳоламро батар карда.
Модарро бисмил кардам,
Ман сактаи дил кардам.
Будан дигар чӣ даркор
Бар мани бе нангу ор?!

**Ақл:** Марав аз пайи Шайтон,
Шайтонро аз дилат рон!


НАШЪА
СПИД
АРАҚ 40°

**Ҷавон:** Ба ҳоли ман як нигар,
Ку чора маро дигар?

**Ақл:** Чора туро бисёр аст,
Чора нанг асту ор аст,
Аз номус, аз ирода
Роҳат шавад кушода.

*Ҷавон, пас аз лаҳзае сукут, ҳалқаро аз гарданаш мебарорад. Саҳна торик мешавад. Баъди лаҳзае саҳна каме равшан мешавад ва мо мебинем, ки он пур аз дуд аст. Сулфакунон Сигор медарояд.*

**Сигор:** Куҷо бошанд ёронам,
Ҳамфикру ҳамкоронам?

*(Месарояд)*

Ҳар ҷое равон ҳастам,
Ман зидди Инсон ҳастам.
Кори худро медонам,
Шуши Инсон нишонам!
Мебарам ман ҳушашро,
Мешикофам шушашро!

*(Аз киса соат бароварда мебинад)*

Ҳоло вақт аст, рафтам,
То ба Инсон дарафтам! (*Меравад)*

*Арақ ва Ифлосак ба саҳна ворид мешаванд. Арақ то охири намоиш мекалавад, Ифлосак баданашро мехорад.*

**Арақ:** Биракс аз ҷонат, ҷоно,
Мо зӯрему тавоно!
Мо сайёди Инсонем,
Оромаш намемонам!

**Ифлосак:** Инсони беирода
Ақлу ҳушашро дода,
Аз пайи нафси ҳаром
Мешавад бар мо ғулом!

**Арақ:** Шайтон чаро садо кард,
Имрӯз ёди мо кард?

**Ифлосак:** Ман ҳам надорам хабар,
Лек аз хашмаш алҳазар!

**Арақ:** Дорад ягон маслиҳат,
Намехонад беҷиҳат.

*(Нашъа меояд)*

**Нашъа** (*Арақу Ифлосакро дида*):
Эҳ-ҳе! Аҳли ҷаҳаннам
Сархуш нишаста бо ҳам!

**Ифлосак:** Ассалом, эй Нашъахон,
Балои ҷони Инсон!

**Арақ:** Қотили насли одам,
Аз дидорат ман шодам.

**Нашъа** *(ба Арақ)***:**
Салом, эй пири кор,
Зӯрат беш аз захри мор!

(*ба Ифлосак):*
Салом, эй бовафо,
Ба ҷони Одам ҷафо!

**Ифлосак:** Аз кори ту ман шодам,
Ба ту кайҳо тан додам!

**Арақ:** Шуд гарм бозори ту,
Инсон бишуд хори ту.

**Нашъа:** Камтар аст, эй ҷӯраҳо,
Таҷрибаам аз шумо,
Бо дасти шумо, ёрон,
Ба доми ман шуд Инсон.
Ҷавони аблаҳ бисёр,
Пешам ҳама хору зор,
Мекунамашон сархуш,
Номам бишуд «ҷавонкуш».

**Ифлосак:** Ҳадафи ман кӯдакон,
Наврасакони нодон,
Сад балоро сар кунам
Умри Одамро канам!

*(Саросема Сигор вориди саҳна мешавад).*

**Сигор:** Шайтони айёр ояд,
Ба буз савор ояд,
Бо ӯ марди бовиқор
Ояд, эй пирони кор!

**Арақ:** Мебинем асарашро,
Зӯрашу ҳунарашро.

*(Шайтон вориди саҳна мешавад. Он се бо таъзим пешвозаш мегиранд. Шайтон асабист).*

Куҷо нангу оратон,
Зидди Инсон коратон?
Муфлисонро кам кардед,
Сари маро хам кардед!
Танбалитон шуд пеша,
Ғӯлони беандеша!

**Арақ:** Хавотир нашав, пирам,
Дар пеши поят мирам!

**Шайтон:** Фоизи корат шуд паст,
Кам шуд шумори бадмаст!

**Арақ:** Кам нест ҳоло Инсон,
Ки менӯшад фаровон,
Инсони беирода,
Ақлу ҳушашро дода,
Ба ман моил мешавад,
Аз паси ман меравад.

**Шайтон:** Ман-маниро кам бикун,
Сари худро хам бикун!

*(Ба Нашъа):*
Ба ту чӣ шуд, Нашъахон?
Умедам аз ту калон!
Коратро кардаӣ суст
Дар кучо гаштаӣ руст?

**Нашъа:** Ҳазрат, гунаҳ надорам,
Дар кори худ ҳушёрам.
Вале Инсон ҳам кӯшид,
Хуни номусаш ҷӯшид,
Роҳи табобат бикофт,
Каму беш илоҷаш ёфт,
Бас бемораш даво шуд,
Аз доми ман раҳо шуд…

**Шайтон:** Ҷоро ба Героин деҳ,
Корат бояд шавад беҳ!

*(Ба Ифлосак):*
Ифлосак, ту аз азал
Мекорӣ тухми аҷал.

Кам шуда акнун бемор,
Коратро бин, эй беор!

*(Ба Сигор)*:

Аз ту ҳам наям розӣ,
Бо Шайтон накун бозӣ!

**Сигор:** Одамҳо гашта ҳушёр,
Парҳезашон шуд бисёр.

**Шайтон:** Беақл чун Одам нест,
Беиродааш кам нест.

**Ифлосак:** Бопарҳезаш ҳам бисёр,
Оқиланду устувор,
Аз мо ҳазар мекунанд,
Хокбасар мекунанд...

**Арақ:** Насли Инсон ин замон
Бе туфангу бе камон
Ба мо расонад халал,
Шӯрида зидди аҷал.

**Ҳама:** Шаванд агар якҷоя,
Мекушанд охир моя!

**Шайтон:** Ғам нахӯред, эй ёрон,
Ҳаммаслаку ҳамкорон,
Дастам аз нав боло шуд,
Вабои нав пайдо шуд.
Ҳар кас шавад моилаш,
Медиҳад ҳатман дилаш.
Инсон оҷиз пеши ӯст,
Ҳазину дилреши ӯст.
СПИД онро бошад ном,
Аҷал бошадаш ғулом.
Ҳам мард аст ӯ, ҳам зан аст,
Ду ҷинс андар як тан аст.

**Сигор:** Исто, пири кабирам,
Фозилу ботадбирам,
Моро намуда ранҷур,
Мекунӣ аз худат дур?
Бо ҳам бас корамон буд,
Бадӣ шиорамон буд,
Зӯри худро ҳис кардем,
Инсонро муфлис кардем.
Лозим буд оё Спид?
Манам ба таклифат зид!

**Арақ:** Ҳақ мегӯяд Сигорҷон,
Ин таҳқир аст, эй Шайтон!
Як нафасак каҷ машин,
Бигӯ ба мо, Бобоҷин?
Баъди амали бисёр,?
Шудем акнун нодаркор?

**Нашъа:** Ту моро вабо гуфтӣ,
Қотили ҷонҳо гуфтӣ,
Даҳшати замон гуфтӣ,
Марги беамон гуфтӣ,
Эй басо лозим шудем,
Акнун нолозим шудем?!

**Ифлосак:** Чаро аз мо ранҷидӣ?
Ё ки моро санҷидӣ?

**Шайтон:** На аз шумо ранҷидам,
На шуморо санҷидам,
Ҳарчи гуфтам, бошад рост,
Спид ҳам ҳамкори мост!

**Нашъа:** Модоме ки чунин аст,
Ҳамин хоҳиши Ҷин аст,
Ман гап надорам дигар,
Дигар наорам хатар!

**Ифлосак:** Писанд омад ин зикрат,
Ман ҳам ҳастам ҳамфикрат!

**Нашъа:** Эй ҳамкорони ҳамдил,
Меравем аз ин манзил! *(Рафтанӣ мешаванд).*

**Шайтон:** Як лаҳза сабр, эй ёрон,
Эй дерина ҳамкорон,
Дорад дуто нафс Инсон,
Побанди ду нафс аст он.
Мешавад ӯро бало
Он як нафсаш аз шумо.
Нафси дигараш зиност,
Дар зино ӯ нобиност.
Ин гуноҳаш кабир аст,
Инсон ба он асир аст.
Инсон аз он шавад хор,
Бадбахту зору бемор.
Спидаш бо дарди нав
Месӯзад мисли алав,
Мебошад зидди Инсон
Саропо аҷали ҷон.
Барои ҳамин ӯро
Овардаам ман ин ҷо.
Акнун иҷозат доред,
Ҳукматонро бароред.

*(Ҳама гунаҳгорона сар хам мекунанд)*

**Сигор:** Маъзарат, эй Бобоҷин,
Кардем гум мо тамкин.

**Арақ:** Гуфтем агар носазо,
Инак, бубахшо моро.

**Ифлосак:** Ку он балои замон?
Ба мо ӯро шиносон.

**Шайтон** *(дуо мехонад):*

Арса ситра морин бой,
Марта Фисин ин ҷо ой!

*Мусиқӣ садо медиҳад. Спид рақскунон вориди саҳна мешавад. Як бари рӯяш сиёҳ, як бари рӯяш сафед аст, на ба зан шабоҳат дорад, на ба мард. Пас аз анҷоми рақс ба ду зону назди Шайтон мешинад ва бо ҳайрат ба ҳозирон менигарад.*

**СПИД:** Пирам, инҳо кӣ ҳастанд?

**Шайтон:** Моро ҳам пову дастанд!

**СПИД** (*даст ба Ифлосак дароз мекунад*):

Салом, аё ширинаком,
Спид бошад маро ном.

**Ифлосак** *(бо ҳарос):*

Дастат бидиҳам агар,
Ба ман наорӣ зарар?

**Шайтон:**

Ӯ-аҷали булҳавас,
Кораш не бо дигар кас!

**Ифлосак** (*ба Спид даст дароз карда):*

Ифлосак номи банда,
Мебошам басо ганда!

**Сигор** *(ба Спид даст дароз карда*):

Ман Сигорам, аз азал
Хизматгорам ба аҷал.

**Арақ** (*ба Спид даст дароз карда*):
Арақам, гарчи пирам,
Ба Инсон расад тирам!

**Нашъа** (*ба Спид даст дароз карда*):
Номи ман Нашъабонуст,
Пешам Инсон ба зонуст!

**СПИД:** Акнун ба зону шинад,
Агар маро бубинад!

**Нашъа:** Ман-манӣ накун пеша,
Аввал бикун андеша!

**СПИД:** Ба зӯри ман дорӣ шак,
Худат мебинӣ инак!

**Нашъа:** Нашав ин қадар бодӣ,
Бемаҳал дорӣ шодӣ!

**Шайтон** (*ба СПИД*):
Нашъахонро наранҷон,
Хизматаш бошад калон!

**СПИД** (*узромез таъзим мекунад*).
Пардон![1]

**Шайтон:** Кунед акнун маро гӯш,
Шавед ин лаҳза хомӯш.
Бурдам аз Инсон ман дил,
Кардам ба шумо моил.
Инсони беирода
Чун рамаву чун пода
Аз паси мо равон аст,
Ба он дунё равон аст!

---

[1] Пардон – мебахшед, маъзарат

Вале бояд аз ин беш
Дилаш аз мо шавад реш,
Шавед аз ин рӯ пуркор,
Арақ! Нашъаву Сигор!
Эй Ифлосак! Эй Спид!
Пайи кори худ шавед!

*Мусиқии даҳшатнок садо медиҳад. Шайтон аз ҷо мехезад, ҳама ба ӯ таъзим мекунанд. Шайтон баромада меравад. Як лаҳза хомӯшӣ.*

**СПИД:** Аз куҷо кунам оғоз,
Эй ҳамдилони ҳамроз?

**Арақ:** Тухми инсон бешумор,
Дар атрофаш битан тор.

**Ифлосак** (*толорро нишон дода*)**:**
Ана ҳамин ҷои соз,
Мекунем ин ҷо оғоз!

*(Ҳама ба пешсаҳна меоянд).*

**СПИД** (б*а аҳли толор*)**:**
Шумо мактаб мехонед,
Маро оё медонед**?**

**Сигор:** Баъзеаш бар ман моил,
Аз думам шоду хушдил!

**Арақ:** Ба хизмат ман тайёрам,
Чӣ навъашро биёрам?

**Ифлосак:** Эй Ифлосу эй Чиркин,
Биё дар бари ман шин!

*Дар толор, байни тамошобинон гаштугузор мекунанд. Кӯшиши ба худ моил кардан доранд. Нохост Ифлосак фарёд мезанад:*

**Ифлосак:** Гар доред аз худ умед,
Аз паси ман гурезед!

(*Ҳама ба саҳна мебароянд. Дар толор танҳо Нашъа мемонад)*.

**Нашъа:** Ин изтироб аз чист?
Ваҳму ҳарос аз кист?

**Ифлосак:** Бо чашми хеш дидам,
Бо гӯши худ шунидам:
Чанде зи аҳли толор
Доранд зидди мо кор!

**СПИД:** Оё тавоно ҳастанд?
Арзандаи мо ҳастанд?

**Ифлосак:** Ба мо – ба аҳли зарар,
Аз солим ҳазар беҳтар!

**Нашъа:** Тарсончакҳои сода,
Думҳоятон шуд хода...
Ба ҷанг омода бошед,
Аҳли ирода бошед!

**Сигор** (*ба толор)***:**
Ҳар ки дорад эътироз,
Инак, барорад овоз!

**Арақ:** Ҳар касе ки дорад ор,
Бишавад ин ҷо қатор!



*(Ақл ва ирода ба саҳна мебароянд)*

**Ақл:** Эй чашмаҳои хатар,
Аз шумо садҳо ҳазар!

**Ирода:** Дунё аз шумо дилхун,
Навбати мо шуд акнун?

**Нашъа:** Шумо сода ё бодӣ?
Дар ҳама ҷо озодӣ!
Ҳар яки мо озод аст,
Одам аз мо дилшод аст!

**Ақл:** Мо бохудему ҳушёр,
Хасми туем, эй хунхор!

**Ирода:** Ҳазар дорем аз мастӣ,
Чун мебарад ба пастӣ,
Аз Сигору Нос ҳам,
Аз кори ифлос ҳам!

**Нашъа:** Бедарак дар ҳама кор
Моро накун гунаҳкор,
Айби худи Инсон аст,
Кори худаш вайрон аст!

**СПИД:** Марал[1] нахон, братан,[2]
Баҳри ҷанги тан батан!
Дар як лаҳзаи зебо
Афтонемат мо аз по!

---

[1] Талаффузи мардумии калимаи мораль-и русӣ ба маънои-ахлоқ, ахлоқу одоб.
[2] Талаффузи авомии кӯчагии бародар.

**Арақ** (*Бо ишора ҳамроҳонашро ба кунҷе ҷамъ мекунад. Ба СПИД*):
Ба устават[1] як нигар,
Вазифаи мо дигар
Бо фиребу бо найранг
Ба ҷонашон задан чанг!

**Ифлосак:** Бо гапҳои хуш, эй ёр,
Барояд аз хона мор.

**Сигор:** Бо дуд, агар тавонед,
Онҳоро бупесонед!

**Арақ:** Рафтем, амал мекунем,
Кори аҷал мекунем.

*(Арақ, Сигор, Ифлосак, Нашъа ва Спид рӯ ба сӯйи Ақл ва Ирода меоранд).*

**Нашъа:** Ғавғо чаро, Ирода?
Биё бинӯш ин бода.
Бубахш, эй Ақли саркаш,
Дуди маро ба сар каш!
Бошем агар мо бо ҳам,
Шавад дур аз дилҳо ғам!

**СПИД:** Бикӯшед, эй содаҳо,
Ба айшу нӯши дунё!

**Сигор:** Номам бошад дуди ғам,
Кашедам гоҳе кам-кам,
Илҳом орад дуди ман,
Ин бошад мақсуди ман,
Агар набудам даркор,
Фабрика мемонд аз кор!

[1] Устав – дастур (забони русӣ)

**Арақ:** Бигӯ худат бе ғурур:
Бе ман шавад тӯйу сур?
Охир, шодии мардум
Кунад бе ман маънӣ гум!
Беғам хоҳӣ дилатро,
Маро бинӯш, эй доно!

*(Арақ, Спид, Нашъа, Сигор ва Ифлосак даст ба даст дода, Ақл ва Иродаро иҳота мекунанд).*

**СПИД:** Бикӯшед, эй содаҳо,
Ба айшу нӯши дунё!

**Нашъа:** Бошем агар мо бо ҳам,
Шавад дур аз дилҳо ғам!

**Сигор:** Номам бошад дуди ғам,
Кашедам гоҳе кам-кам!

**Арақ:** Беғам хоҳӣ дилатро,
Маро бинӯш, эй доно!

*(Ба такрор ин суханҳоро мегӯянд. Ақл ва Ирода лаҳзае гаранг шуда, ба онҳо гӯш медиҳанду сипас ба худ омада, аз ҳалқаи онҳо мебароянд).*

**Ақл:** Бас аст ин ҳарзагӯӣ,
Бешармиву берӯӣ,
Фикратон бошад ботил,
Эй балоҳои қотил!
Бадиҳо бо мо кардед,
Ин дафъа хато кардед!

**Ирода:** Дар ақл ноустувор
Пеши шумо шавад хор!

**Ақл:** Баақлаш аммо кам нест,
Агарчанде беғам нест...
Аз ин ҳама балоҳо,
Аз саҳву аз хатоҳо
Ҷӯяд, роҳи халосӣ,
То ки нашавад осӣ.

*(Ба Арақ):* Нокас туро кунад нӯш,
Худро кунад фаромӯш,
Аммо медонад ҳушёр:
Нӯшидан дорад меъёр!

**Арақ:** Ин ҳама айби Инсон,
Инро ба Инсон фаҳмон!
Гар оқилӣ, ту бар ман,
Гардонида рӯ бар ман:
Дар олами бурду бохт
Кӣ моро аз аввал сохт?

**Ҳама:** Ин корро ба олам
Одам кардааст, Одам!

**Арақ:** Кӣ беҳушӣ кард, оғоз,
Аз Нашъа карда наркоз?

**Ҳама:** Ин корро ба олам
Одам кардааст, Одам!

**Арақ:** Маҳсули кори ӯем,
Аз ин рӯ, ёри ӯем!

**Ирода** (*Арақро як лагад зада меафтонад*):
Гум шав, эй нӯши пурнеш,
Дилҳо ҳама аз ту реш!

**Ифлосак:** Ёрон, эй ёрон, ёрӣ,
Доданд Арақро хорӣ!

*Ҳама ба Ақлу Ирода дармеафтанд. Ақлу Ирода онҳоро ба замин яксон мекунанд.*

**Ақл:** Туро, эй сили сулфак,
Мекафонам чун пуфак!

*(Сигорро ба замин мезанад)*

**Ирода:** Ба назарам, эй Нашъа,
Менамоӣ чун паша!

*(Нашъаро ба як сӯ ҳаво медиҳад)*

**Ақл:** Биё наздик, эй Ифлос,
Шавем аз ту ҳам халос!

*(Ифлосакро ба замин мезанад)*

**Ирода:** Туӣ лоиқи ҳазар,
Гум шав аз пеши назар!

*(Пас аз занозании тӯлонӣ Спид ҳам мағлуб мешавад. Ақл ва Ирода онҳоро зада-зада пеш мекунанд)*

**Ирода:** Гум шавед аз ин диёр,
Ҳаромиҳои мурдор!

*Онҳо афтидаву хеста саҳнаро тарк мекунанд. Ақл ва Ирода, ки хеле хаста шудаанд, оҳиста-оҳиста ба пешсаҳна мебароянд. Оҳанги ғамангез садо медиҳад:*

**Ақл:** Арақ гуфто гапи рост,
Аз мо бувад, ки бар мост!

**Ирода:** Бигӯ, эй Инсон, чӣ сон
Гаҳ Раҳмонӣ, гаҳ Шайтон?

**Ақл:** Корат агар ин бошад,
Маргат дар камин бошад!

**Ҳарду** (*бо оҳанги хазине месароянд)***:**

Хоҳӣ шавӣ тавоно,
Худро шинос, эй доно.
Аё ту зеби ҳаёт,
Бикун худро эҳтиёт.
То эмин бошад ҷаҳон
Ба худ биё, эй Инсон!

*Мусиқии ғамангез баланд ва саҳна торик мешавад.*

**Поёни намоиш**

## БОЗГАШТИ АЙЁМ

*(Воқеаи фантастикӣ дар жанри мазҳака*
*иборат аз ду пардаву чор намоиш)*

**Иштирокдорон:**

**1. Мақсуд Олимӣ-профессор 60-сола**
**2. Матлуба Собировна-муаллима 40 сола**
**3. Сулҳия Баротовна-директори мактаб 50-сола**
**4. Қодирбобо 65-сола**
**5. Шамсияхола 60-сола Волидайни талабагони синфи 3 «А», инчунин, онҳо, хонандагони синфи 3 «А»**
**6. Майрам 30-сола**
**7. Сафарбек 35 –сола**
**8. Шаҳноза 40 –сола**
**9. Ситора 30-сола**
**10 . Одина 32-сола**
**11. Наимҷон 35-сола.**
**12. Раҳимахола 50-сола**

### НАМОИШИ I

*Толори маҷлиси мактаб. Дар пешсаҳна миз ва ду -се курсии мактабӣ. Роҳбари синфи 3 «А» муаллима Матлуба Собировна нишаста, машғули навиштан аст. Ба соаташ нигариста, сипас ба ҳозирин, ки он ҷо Сафарбек, Ситора, Наим ва Шаҳноза нишастаанд, муроҷиат мекунад.*

**Муаллима:** Чаро аз дигарон дарак нест?
**Шамсияхола** (*Даромада):* Даромадан мумкинай?
**Муаллима:** Салом хола, дароед. Бубахшед шумо...
**Шамсияхола:** Ман бибии Гулизор.
**Муаллима:** Хеле хуб, Марҳамат ана ин ҷо шинед. *(Шамсияхола ба назди падару модарон гузашта мешинад. Саросема Одина Султонов медарояд.)*

**Одина:** Муаллима мумкин?

**Муаллима:** Марҳамат дароед.

**Одина:** Мебахшетон, каме дер кардам. Ассалому алайкум (*гузашта мешинад).*

**Муаллима:** Мӯҳтарам падару модарон. Ман...

(*Майрам вориди толор мешавад)*

**Майрам:** Ассалом. Мебахшетон, ба назарам ин карат ҳам дер карда омадам.

**Муаллима:** *(бо оҳанги шӯхӣ)* «Модар чӣ гуна-духтар намуна» гуфтагӣ барин духтаратон ҳам ҳар рӯз дер карда меояд... (*Аз роҳрав овози Қодирбобо шунида мешавад).*

**Овози Қодирбобо:** Ҳой бача, ту намедонӣ муаллимаи наберачаи ман дар куҷо маҷлис мегузаронад?

**Овози писар:** Наберачаатон синфи чандум мехонад?

**Овози Қодирбобо:** Синфи... се буд ба назарам.

**Муаллима:** Ба гумонам мӯйсафед синфи моро мекобад. *(Хеста дари роҳравро мекушояд)*. Бобо, наберачаатон чӣ ном дорад?

**Қодирбобо:** Набераи ман, бачам, Абдурашидай.

**Муаллима:** Абдурашид ном дошта бошад, ин ҷо дароед бобо.

**Қодирбобо:** *(даромада)* Абдурашидакама оташ дар Расия, очаш лулаки майда дора. Набераам ҳарду поя дар як мӯза андохта, маҷбурам кард, ки ба маҷлис оям. «Агар наравӣ, мара аз синфам меафтонанд» гуфт. Саросема намози пешина хондаму омадам.

**Муаллима:** Нағз кардед, марҳамат шинед. *(Қодирбобо қатори волидайни дигар гузашта мешинад).* Хӯш... ҳашт нафар шудетон. Дигар интизор намешавем. Маҷлисро сар мекунем.

**Қодирбобо:** Ҳа, сар кун бачам, ки ҳамин замон намози аср мешавад.

**Муаллима:** Падару модарон ва бобою бибиҳои мӯҳтарам! Ман мехостам бо Шумо дар атрофии хониш, одоб ва рафтори фарзандонатон каме сӯҳбат кунам.

**Шамсияхола:** Ҳамин пулҷамъкунӣ набошад шуд, муаллима. Чӣ қадаре ки мехоҳӣ сӯҳбат кардан гир.

**Муаллима:** Воқеан дар хусуси пулҷамъкунӣ. Мо баҳудаву беҳуда пул ҷамъ намекунем ва ба ду сомоние, ки дирӯз бачаҳо оварданд, ҷорӯб харидем.

**Қодирбобо:** Оҳ, бачат ҳафта шавад, ин қадар ҷорӯба чӣ кор мекунен бачам?

**Муаллима:** Дар пеш зимистон захира кардан лозим.

**Шамсияхола:** Ҳафтаи гузашта ҳам се сомонӣ оварда буданд-ку?

**Муаллима:** Ун пул барои пардохти қарзи телефони директор буд.

**Қодирбобо:** Ба фарроши мактаб, муаллими суруд пул те, пули компутуру пардаи тиреза, рангу бори дару девори мактаб. Боз сад балою батар. Фикр намекунен, ки ин қадар пули зормондая аз куҷо меёбем?

**Шаҳноза:** Падарону модарони мӯҳтарам! Ҳангоми ҳуҷҷатсупорӣ ҳамаамон талош кардем, ки фарзандонамон дар синфи намунавии Матлуба Собирова хонад. Имрӯз бошад барои чор танга гапҳои пасту баланд мегӯем.

Қодирбобо: Оҳ, бачат ҳафта шавад, агар намунавиаш ин қадар пул ҷамъ кунад, бенамунавиаш чӣ қадар ҷамъ мекарда бошад?

**Шамсияхола** (*ба Шаҳноза)***:** Ту хоҳар пои мора ба куртаи худат дароз накун. Ман буду шуд бистуҳашт сомонӣ нафақа мегирам.

**Сафарбек:** Хайр шуд, баҳс накунед. Гӯшамон ба шумо муаллима.

**Муаллима:** Мӯҳтарам, падару модарон! Хонандагони мо 5-нафарашон бо баҳои аъло, 12 нафари ди-

гар бо баҳои хуб таҳсил доранд. Интизомашон ҳам намунавӣ. Маълум, ки дар хона ба хониши онҳо эътибор медиҳанд. Вале боқимонда 17 нафари дигар ҳам дар хониш, ҳам дар интизом бо ҳар ду по меланганд.

**Ситора:** Шаф-шаф нагуфта ҳамун лангҳоро дар ҳузури падару модарон номбар кунед муаллима.

**Муаллима:** Ман дар бораи хонишу интизоми талабагоне, ки падару модарҳояшон ин ҷо ҳузур надоранд, чизе намегӯям, вале дар бораи фарзандони Шумо ҷиддан гуфтугӯ мекунем.

**Қодирбобо:** Кори хайр мекунӣ бачам, лекин тезтар гапата гуфта, ҷавобамон те, ки намози аср наздикай.

**Муаллима:** Пас, сар мекунем аз набераи шумо, furobоҷон. Хонишаш хеле суст. Ба дарсҳо бетайёрӣ меояд. Дар дарс бисёр гап мезанад.

**Қодирбобо:** Оҳ, бачаш ҳафта шавад, дар ҳамин мактаб ҳам сергапӣ мекунад? Дар хона, агар одам наёбад бо дару девор гап мезанад. Оташу акааш, ки дар Расия дар хона ба ҷои се кас гап мезанад. Лекин дар мактаб, балам, худат гап задан намон. Дар хона гӯшу майнаи маро холӣ карда гап заданаш бас!

**Муаллима** (*ба Шамсияхола*): Хола набераи Шумо Гулизор бад намехонад, лекин духтараки ҷангара. Ҳар рӯз бо се-чор нафар ҳамсинфонаш даст ба гиребон мешавад.

**Шамсияхола:** Ту донӣ Худо! Бибии модараш кампири Маҳтобӣ ҳамин хел буд. Раҳматӣ одам наёбад бо сояаш ҷанг мекард. Аз сиёҳпичамарг ба ҷои зару зевар аҷаб меросе монд ба набераам.

**Муаллима:** Насиҳат кунед, хола, ислоҳ шавад. Устод, Наимҷон Пӯлодович. Писари Шумо Шоҳин дониши хуб дорад. Одобаш ҳам бад не, вале

ба назарам каме дурундору дамдузд аст. Бо касе бозӣ намекунад. Ҳангоми танаффус низ дар синф танҳо мешинад. Аз ҳад зиёд камгап.

**Наимҷон:** (*аз ҷой хеста*) Дар оила фарзанди ягона, ки ҳаст, ҳамин хел калон шуд. Дар бачагӣ худам ҳам ҳамин хел будам. Ҳамсинфонам, «Наими хапак, дар халташ тапак» гуфта, масхара мекарданд.

**Қодирбобо:** Аз қудратат гардам Парвадигор, О, камтараки камгапии ҳамин бачая ба набераи ман диҳӣ чӣ мешуд! Муаллимаҷон, агар илоҷаш бошад, набераи ман Абдурашида бо ҳамин бачаи хапак дар як парта бишинон, «Бо моҳ, шинӣ моҳ шавӣ бо дег шинӣ сиёҳ, шавӣ» гуфтаанд.

**Наим:** Ин хел накунед муаллима, бачам лаққӣ шуданаш мумкин.

**Муаллима** (*механдад, ба Наим*)**:** Шинед устод. Ситорахон, духтарчаи Шумо, Таманно, аълочии синфамон. Офарин ба Шумо. Худатон, ки шоира ҳастед духтаратон ҳам шеъри бисёр медонад. Зираку доно. Аллакай бо забони англисӣ гуфтаву навишта метавонад. Кошки ҳамаи шогирдонам монанди ӯ мебуданд.

**Кодирбобо:** Қандата бизан духтарам. Чандта кӯдак дорӣ?

**Ситора:** Якто furbобоҷон.

**Шамсияхола:** Ҳа, якто будааст, ки ин хел таълимуш додай. Келини ман бошад ҳафтаро қатор карда, намедонад, ки як хелаш синфи чанд мехонад.

**Муаллима:** Падари Зоҳир дар ҳамин ҷо?

**Сафарбек** (*аз ҷой хеста)***:** ман ин ҷо муаллима.

**Муаллима:** Хониши писаратон бад не, лекин аз ҳад зиёд шӯх. Ба ҳамаю ҳама чиз чақамуқом.

**Қодирбобо:** Ӯзбекҳо як мақол доранд ку. «Бача булсун шӯх бӯлсун, шӯх булмаса ёқ бӯлсун».

**Муаллима:** Ҳар чиз ба эбаш хуб аст, бобо.

**Сафарбек:** Ман ҳам дар бачагӣ шӯх будам, муаллим шуданро орзу доштам. Вале, афсӯс, ба орзуям нарасидам.

**Муаллима:** Шаҳнозахон, духтари Шумо Дилафрӯз духтараки қобил. Хонишу одобаш хуб.Вале дилаш аз ҳад зиёд нозук. Бо андак гап гиря мекунад.

**Шаҳноза:** Дар хона ҳам ҳамин хел, муаллима. Бо ӯ мулоҳиза карда гап мезанем.

**Шамсияхола:** Аҷаб духтари раҳмдиле будааст. Кош Худо ҳамаро ҳамин хел фарзандони раҳмдил медод.

**Муаллима:** Раҳмдилӣ хислати хуб аст, вале ба ҳар ҳол як бор ба духтури асабшинос нишон диҳед... Хӯш боз кӣ монд?

**Одина:** Ман, муаллима, падари Ваҳҳобҷон.

**Муаллима:** Дониши писаратон миёна, вале моҳи беайб не. Баъзан дар дарсҳо хобаш мебарад. Ман «Вандам» гуфта ба сари бачаҳо зӯроварӣ мекунад.

**Одина:** (*бо воҳима*) Ҳамааш гуноҳи телевизиор, муаллима, то як вақти шаб тамошо мекунад. На ба ҷанг мешаваду на ба насиҳат. «Калон шавӣ кӣ мешавӣ?» гуфта пурсам, «калон шавам, Вандам мешавам», мегӯяд.

**Муаллима:** Ҳамин пагоҳӣ Вандамчаатон шишаи тирезаи 3 «Б»-ро бо мушташ зада шикастааст. Бо ҳамсинфонаш шарт бастааст, ки бо як зарби мушт шишаи тирезаро зада, майда мекунад. Баъд аз маҷлис, сари қадам, ба назди директори мактаб дароед.

**Шамсияхола:** Ваҳ, директор ҷеғ зада бошад, иштирафут мекунад, додар.

**Одина:** Дар хона ҳам айнаки бибиашро бо як зарбаи мушт шишапора кард.

**Қодирбобо:** Ҳамаи ин айби киноҳои телевизиор, бачам. Ғайр аз шапошапию парон-парон чизе ни-

шон намедиҳад. Духтарони бараҳнаро нишон дода, хурду калонро бераҳа кардааст.

**Муаллима:** Агар ҳамун телевизиора шумо намонед, бача тамошо намекунад. Кӯшиш кунед бо вақту соаташ тамошо карда, барвақт хоб равад. Майрамхон, духтари Шумо Шаҳлочон зеҳни хуб дорад. Нутқаш бурро. Вале қариб ҳар рӯз ба дарсҳо дер меояд. Ҳатто ҳангоми танаффус низ аз ҳама қафо ба синф медарояд. Ба дермонӣ одат кардааст.

**Шамсияхола** (*Ба Майрам*)**:** Хонаатон аз мактаб дурай?

**Муаллима:** Не баръакс, хонаи Майрамхон дар шафати мактаб.

**Қодирбобо:** Ай қадим таомул ҳаминай. Ҳар қадар наздик бошӣ, ҳамон қадар дер мемонӣ.

**Майрам:** Кӯшиш мекунам, ислоҳ шавад, муаллима.

**Муаллима:** Марҳамат шинед. Волидайнҳои гиромӣ! Агар аз ман дигар саволу пурсиш надошта бошед ба масъалаи дигар мегузарем.

**Қодирбобо:** Ваҳ, бачат ҳафта шавад, ҳоло ҳамин қадар гап масъалаи асосӣ набуда, чӣ буд?!

**Муаллима:** Ин сӯҳбати муқаррарӣ буд, бобо. Барои масъалаи асосӣ яке аз олимони машҳури мамлакат профессор Мақсуд Олимӣ ва директори мактаб Сулҳия Баротовна даъват шудаанд. Ба Шумо гапи муҳиме доранд. Панҷ дақиқа танаффус.

**Шаҳноза:** Тинҷӣ аст, муаллима?

**Муаллима:** Тинҷӣ, тинҷӣ. Онҳо худашон ба шумо матлабашонро мефаҳмонанд *(баромада меравад)*.

**Қодирбобо:** Мегум комиссия меомада бошад?

**Шамсияхола:** Кошки ҳамун комиссияаш меомаду аз дарди пулҷамъкунӣ халос мешудем.

## НАМОИШИ II

*(Саҳна равшан мешавад, ҳамон толор. Дар пешсаҳна профессор Мақсуд Олимӣ, директори мактаб Сулҳия Баротовна ва муаллима Матлуба Собировна нишастаанд.*

**Директор:** Мӯҳтарам падару модарони синфи 3 «А»! Дар меҳмонии мо олими машҳури фанни равоншиносӣ, дорандаи ҳама ҷоизаҳои ҷумҳурӣ профессор Мақсуд Олимӣ ҳузур доранд. Тайи як моҳ, аст, ки устод бо иҷозаи вазири мӯҳтарамамон дар мактаби мо аниқтараш дар синфи 3 «А» таҳқиқи илмию амалӣ анҷом дода истодаанд. Аслан, мо шуморо имрӯз бо хоҳиши эшон ба ин ҷо даъват намудем. Беҳтараш суханро ба худи устод диҳем. Марҳамат, муаллим.

**Олимӣ:** Ташаккур. Мӯҳтарам падару модарон! Банда беш аз 40-соли ҳаёти илмиямро ба омӯзиши психология, хислату атвори кӯдакон бахшидаам. Ҳадаф аз ин омӯзиш чист? Ҳадафи ин чӣ гуна ташаккул ёфтани феълу хӯ ва кирдору рафтори кӯдаконро муайян кардан аст. Яъне, аниқ кардониям, ки хулқу одоб, рафтору кирдори бачаҳо самараи тарбия, таъсири муҳит ё худ ирсист. Ман муддати як моҳ дар синфи фарзандони шумо будам, хислату атвори онҳоро омӯхтам ва бо натиҷагирӣ аз ин омӯзиш аз маъмурияти мактаб хоҳиш кардам, ки қисми волидайни онҳоро ин ҷо даъват кунанд.

**Директор:** Бифармоед, мо ҳама дар хизмати Шумо, устод.

**Олимӣ:** Ташаккур! Фавран сари мақсад меоем. Ман нӯшокиеро ихтироъ намудам, ки нафаре нӯшад, муддати як соат роҳу рафтор ва хислату хӯи кӯдакони даҳсоларо пайдо мекунад.

Агар содатар карда гӯем ҳар нафаре, ки ин нӯшдоруро нӯшад, тайи як соат ба ману шумо ҳамчун кӯдаки даҳсола муносибат мекунад, яъне, айнан мисли фарзандони даҳсолаи ҳар нафари шумо.

**Директор:** Яъне, манзури устод дониста гирифтани сарчашмаҳои хӯю атвори фарзандони шумост, ки дар синфи 3 «А» мехонанд.

**Олимӣ:** Комилан дуруст гуфтед. Ва ман мехостам ин санҷиш, яъне экспериментро пагоҳ дар ҳамин вақту соат дар синфи фарзандонатон ҳамроҳи шумо гузаронам. Хавотир нашавед, ин нӯшдору як зарра зарар надорад. Ва таъсираш беш аз як соат нест. Бо қудрати нӯшдору дубора даҳсола мешавед, мо ин лаҳзаро ба навор бардошта, ба худатон намоиш медиҳем.

Хӯш, шумоён розӣ? *(хомӯшӣ)...* Ё ман мақсадро дуруст фаҳмонда натавонистам?

**Қодирбобо:** Ба фаҳмондан нағз фаҳмондию лекин ба ин масхарабозӣ ҳеҷ кас розӣ намешавад.

**Шамсияхола:** Моро дар ҳамин пиронсолагӣ артист карданӣӣ, муаллим? Дар лента навишта мегирӣ, баъд дар телевизиор нишон дода, моро масхара мекунӣ?

**Олимӣ:** Хавотир нашавед, телевизиор ин хел чизҳоро нишон намедиҳад.

**Майрам:** Хайр ин доруя нӯшаму Худо накарда як умр кӯдаки беақл шуда монам, аҳволи хонаву дар чӣ мешавад?

**Олимӣ:** Ман ин санҷишро аввал бо аҳли оилаи худам гузаронидам.

**Директор:** Падару модарони азиз! Ин кор, яъне санҷиши профессори мӯҳтарам ихтиёрист. Мо ҳеҷ, касро маҷбур намекунем. Мо танҳо хоҳиш дорем. Устод донистан мехоҳанд, ки хулқу хӯи фарзандони шумо меросист ё

таъсири муҳиту ҷомеа аст? Хӯш номи киро нависам? Таҷрибаро пагоҳ мегузаронем.

**Муаллима:** Аз ҳама чавонашон Майрам ва Ситора.

**Майрам:** Ман бе иҷозати шаҳварам ба ин кор розӣ шуда наметавонам.

**Муаллима:** Аз ҳама калонсоли мо Қодирбобо чӣ мегӯянд?

**Қодирбобо:** Мани мӯйсафеда ғам нате бачам. Ҷавонҳо ихтиёрашон.

**Муаллима:** Одина Бозоров.

**Одина** (*аз ҷой хеста*)**:** Муаллима, пагоҳ, ман кори зарур дорам. Омада наметавонам.

**Муаллима:** Шамсияхола.

**Шамсияхола:** Ҳамаро монда ба мани як пояш ба лаби гӯр расидагӣ кӯдакбозӣ карданӣ?

**Муаллима:** Наимҷон Насимӣ.

**Насимчон:** Ман бо ҷону дил розӣ, лекин мехостам афту андомам ҳам мисли кӯдаки даҳсола шавад.

**Олимӣ:** Не! Ин кор илоҷ надорад. Афту андоматон тағйир намеёбад.

**Директор:** Наход барои чунин таҷрибаи аҷоиб ягон хоҳишманд набошад? *(Хомӯшӣ)* Ҳа, дарвоқеъ хазинаи байналмилалии «Дониш» барои иштирокдорони ин санҷиш мукофот муайян кардааст. Яъне пас аз санҷиш ба ҳар иштирокдори он як қопчагӣ орду биринҷ ва сад сомонӣ пули накд дода мешавад (*хомӯшии тӯлонӣ).*

**Кодирбобо:** (*аз ҷой хеста*) Рафиқ профессур, ҳамин директор рост мега?

**Олимӣ:** Рост мегӯяд.

**Шамсияхола:** Ту донӣ Худо.

**Қодирбобо:** О, бачаҳакат ҳафта шава, санҷишата аз ҳамин гап сар кунӣ, намешуд?

**Шамсияхола:** Номи мара навис. Шодиқулова Шамсия. Бошпуртамро ҳам биёрам?

**Олимӣ:** Ҳуҷҷат лозим нест. Номнавис шавад кифоя.

**Қодирбобо:** Рафиқ профессур. Кампирамро ҳам биёрам? Очакалони Абдурашида. Артисти тапа-тайёрай?

**Олимӣ:** Аз як оила як нафар кифоя.

**Қодирбобо:** Афсӯс, ҳунари хуб дошт кампир.

**Майрам:** Кай биёем муаллима?

**Директор:** Пагоҳ соати сеюним дар ҳамин толор ҷамъ шуда, баъд ба синф медароетон.

**Одина:** Муаллима, номи маро ҳам навис.

**Қодирбобо:** О, пагоҳ зарур дорам, гуфта будӣ-ку?

**Одина:** Кори заруараш орду пул, ки буд ёфт шуд.

**Сафарбек:** Ба гумонам дигарҳо ҳам розӣ. Ҳамин тавр не! *(Хомӯшӣ)* Хомӯшӣ аломати розигист.

**Директор** (*ба муаллима*)**:** Ҳамаашонро номнавис кунед. Як хоҳиш. Дар ин бора ба касе чизе нагӯед. Фаҳмо?

**Шамсияхола:** Фаҳмо (*Профессор ҳамроҳи директори мактаб баромада меравtotalanд).*

**Шамсияхола:** Муаллимаҷон, мегам боз ҳамин профессур моро фан накуна?

**Муаллима:** Не, фан намекунанд.

**Қодирбобо:** Фан, ки накунанд, чаро аз аввал нагуфтанд.

**Шамсияхола:** Ҳамира ҳам нафаҳмидӣ? Ай аввал хостанд бе пул корашона буд кунанду...

**Муаллима:** Фикрҳои ботила накунед хола. Худи профессор хоҳиш намуданд, ки дар охир эълон намоем. Он кас донистан мехостанд, ки гапу рафторатон бо чӣ анҷом меёбад. Ин ҳам як навъи санҷиш буд.

**Одина:** Муаллима, худи Шумо бо чашм ҳамин орду биринҷро дидед?

**Муаллима:** Ба тахминам тӯҳфаҳои ваъдагиро пагоҳ, меоранд.

**Қодирбобо:** Кошки меоварданд бачам.

**Муаллима:** Ҳама дар санҷиш иштирок мекунед?

**Ҳама якҷоя:** Бале.

**Муаллима:** Ин хел бошад, пагоҳ ҳамроҳатон сӯмкаҳои мактабии фарзандонатона биёред. Саволҳо ҳаст?

**Ҳама:** Нест!

**Муаллима**: Ба ҳама ҷавоб. (*Ҳамагон бо нидоҳои «Ташаккур», «То пагох», «Хайр, муаллима» толорро тарк мекунанд. Дар саҳна танҳо муаллима ва Қодирбобо танҳо мондаанд).*

**Муаллима:** Шумо чаро намеравед бобо? Ба намози асратон дер нашуд?

**Қодирбобо:** Ғами намоза нахӯр бачам, қазоӣ карда мехонам. Ту ба ман бигӯ, ки дили ҳамон профессора ёфта метонӣ?

**Муаллима:** Матлабатон чист?

**Қодирбобо:** Ҳамин кампири берӯзии моро ҳам дар санҷиш ҳамроҳ, мекард.

**Муаллима:** Ба Шумо ку, професcур «не», гуфтанд,чаро боз мепурсед?

**Қодирбобо:** Ҳамту куя, ба ҳар ҳол боз як бор пурсидам.

***(Торикӣ)***

## НАМОИШИ III

*(Рӯзи дигар боз ҳамон толор. Пешсаҳна. Ба ҷои мизу курсиҳо қаҳрамонони ба мо шинос гашту гузор доранд. Қодирбобо дар кунҷе нишаста тасбеҳ мегардонад, Шамсияхола ҳамроҳи Одина байни худ сӯҳбат доранд. Садои мусиқӣ паст ба гӯш мерасад.)*

**Қодирбобо:** Дараки професcур нест ку? Боз аз фикраш нагашта бошад?

**Шамсияхола:** «Тақдире ки мо дорем, ширамон ҷурғот мешавад».

**Одина:** Майрамхон, шавҳаратон розӣ шуд?

**Майрам:** (*бо писханд)* Ҳа, зиёда аз розигӣ хурсанд шуд! Боз суол доред?

**Одина:** Не! Ҳамааш фаҳмо.

**Шамсияхола:** Барои як соата кори занак ба хона ин қадар даромад дарояд, мардак хурсанд нашуда хафа меша?

**Қодирбобо:** (*ба Сафарбек)* Ку бурав бачам, буфаҳм, ки кай чекамон мезананд? Якбора бипурс, ки орду биринҷа овarданд? (*Сафарбек меравад)*

**Шаҳноза:** Биёед дар хусуси орду биринҷ камтар гап занем, айб аст.

**Қодирбобо:** Айб аст, мегуй? О, дина то номи орду биринҷа нагирифтанд, розигита надодӣ-ку?

**Шаҳноза:** Ман мӯҳтоҷи орду равғани онҳо нестам.

**Шамсияхола:** Э, хоҳараки ҷун, агар ба ту лозим набоша ҳақата ба ман бите. Чор набераи сағира дорум. Савоб мегирӣ.

**Қодирбобо:** Кампир ба моли дигаро чашм ало накун. Моли ҳар кас ба худаш насиб кунад. Шукри додагеш кун.

**Шамсияхола:** Ҳазор бор шукр куя...

**Сафарбек:** *(медарояд*) Ҳозир чет мезананд *(худро ҷиддӣ гирифта)* Вале..

**Одина:** Чӣ вале?

**Сафарбек:** Орду биринҷ нашудааст.

**Қодирбобо:** Пул чӣ?

**Сафарбек:** Пул ҳам. Ба ҷои пулу орду биринҷ ифтихорнома медодаанд.

**Қодирбобо:** Оҳ бачаашон ҳафта шавад... Моро ваъда дода буданд, ку?

**Шамсияхола:** Дилум ай саҳар сиёҳӣ пайдо карда буд. Метарсидум, ки ягон гап нашава.

**Одина:** Бо чормағзи пуч доманамонро пур карданду мо аҳмақ шудем.

**Шамсияхола:** Дилум ай профессураш ҳам хунук шуд.

**Майрам:** (*ба соаташ нигариста*) Вақт шуд. Ман дигар интизор шуда наметавонам (*рафтанӣ мешавад*.)

**Сафарбек:** Майрамхон ифтихорнома чӣ мешавад?

**Майрам:** Ифтихори маро ҳам шумо гиред, ҳамсоя.

**Шамсияхола:** Таги коса нимкосаяй. Орду биринҷа директор ба хонааш бурду ба мо санги сиёҳа нишон дод. Сару калашона хура ифтихорашон наберачаҳоям танҳо, ман ҳам меравам.

**Қодирбобо:** Соат чанд шуда боша?

**Наимчон:** Аз се даҳ дақиқа гузашт.

**Қодирбобо:** Ай се гузашт? Ваҳ, бачатон ҳафта шавад, вақти намози аср расидааст-ку? Қазо нашава... ман ҳам рафтам. (*Қодирбобо, Шамсияхола, Одина, Майрам рафтанӣ мешаванд).*

**Сафарбек:** Сабр кунед, ман шӯхӣ кардам.

**Қодирбобо:** Марги ҳамон шӯхиҳои хунукат.

**Шамсияхола:** Заҳрама кафондӣ бача (*муаллима медарояд*).

**Муаллима:** Салом бачаҳо. Э... мебахшед... ман гумон кардам, ки ҳама ҳозиранд?

**Ситора:** Ҳама дар ҳамин ҷо, муаллима.

**Шамсияхола:** Дар набудани худат, муаллима, *(ба Сафарбек ишора карда)* ин додарум моро сахт тарсонд.

**Муаллима:** Бо чӣ тарсонд?

**Шамсияхола:** Ба ҷои пулу орду биринҷ, ким-чӣ хел нома медодаанд, гуфт.

**Муаллима:** Сафарбек ҳам мисли писарашон шӯхӣ кардаанд. Хавотир нашавед. Орду биринҷ, пулу равғанро саҳарӣ оварданд.

**Қодирбобо:** Бачам орди Қазоқистонай ё ай худмон?

**Муаллима:** Ростӣ, ки аҳамият надодаам.

**Одина:** Фарқаш чӣ бобӣ, орд бошад шуд-да.

**Муаллима:** Рафтем. Аз паси ман биёед *(ба толор ароба бар даст кампири 60-65 сола медарояд. Ӯ Раҳимахола аст*).

**Раҳимахола** (*бо овози баланд*) **:** Орду биринҷа дар ҳамин ҷо медиҳанд?

**Муаллима:** Кадом орду биринҷа хола?

**Раҳимахола:** Гуманитарира.

**Муаллима:** Мебахшед хола, шумо иштибоҳ кардед. Ин

ҷо мактаб аст. Шумо ба шӯъбаи таъминоти иҷтимоии ҳукумат муроҷиат кунед.

**Қодирбобо:** Боз як муфтхӯри дигар намерасид.

**Раҳимахола:** Ман ҳамаашро медонам, худатона ба нодонӣ назанед. Ду набераам ҳамин мактабро тамом кард, сеюмаш дар синфи даҳ мехонад. Ман ҳам ҳақ дорам!

**Сафарбек:** Хола, кӣ ба шумо гуфт, ки дар ин ҷо орду биринҷ медиҳанд?

**Раҳимахола:** Тамоми маҳалла медонад. Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

Муаллима (*ба ҳозирин*)**:** Кадоматон ин овозаро паҳн кардед? (*ҳама хомӯш*)

*Ба Раҳимахола:* Хола, шумо ин гапро аз даҳони кӣ шунидед?

**Раҳимахола** (*Ба кампири Шамсия)* **:** Чӣ ба даҳонат об гирифта шиштай, бева, гап зан!

**Шамсияхола:** Мара мегуй?

**Раҳимахола:** Ҳа, кира мешуд?

**Шамсияхола:** Ман ба ту чӣ гуфтам?

**Раҳимахола:** Чӣ мегуфтӣ? Гуфтӣ, ки дар испектакли кӯдакона бозӣ мекунам, орду пулу равғану биринҷ медиҳанд. Ман аз ин бева чӣ камӣ дорам? Чунон ҷунбон-ҷунбон кунам, ки дар назди ҳунарам Малика Қаландарова об хӯрад.

**Муаллима** (*ба Шамсияхола*)**:** Ҳа, мо ба шумо гуфта будем, ки дар ин хусус ба касе чизе нагӯед. Ношугриш, ношугриш. Ман ҳамин қадар гуфтам, ки фақат ба падару модари талабаҳои 3 «А» медиҳанд.

**Раҳима:** Чува 3 «А»-ро медиҳанду 10-и «б»-ра не!

**Қодирбобо:** Кампир, ба ту нодуруст фаҳмондааст. Майда-чуйдаи гуфтагета як профессури ман барин сарсафед аз пули худаш харида овардааст. Бо мо ким-чӣ хел санҷиш гузаронида ҳаққи хизматамона медодааст.

**Одина:** Акнун фаҳмидӣ, хола!

**Раҳимахола:** Фаҳмидан намехоҳам. Набераи ман Санамгул даҳ сол аст, ки азоб кашида мехонад, лекин як бор ҳамин хелӣ санҷиш накардаанд. Кӯдакҳои шумо синфи се нашуда, аллакай лоиқи орду биринҷ, пулу равған шудаанд. Ҳақиқат дар куҷо? Порахӯрҳо, порадиҳӣ то кай давом мекунад? *(Олимӣ ворид мешавад).*

**Олимӣ:** Салом, бародарону хоҳарон. Вақт шуд, чаро ба синф намедароед.

**Муаллима:** Устод, ин ҷо як гапу кори дигаре рух дод.

**Олимӣ:** Ба хайр аст?

**Муаллима** (*Ба Раҳимахола ишора карда*) **:** Ана, ин хола ҷанҷол доранд, ки «чаро ба дигарҳо орду равған медиҳеду ба ман не».

**Раҳимахола:** Эй додар, калони муаллимҳо худатӣ? Чаро ҳамаро бо як чашм намебинӣ? Ман барин беваю бечораҳора ноумед накун.

**Олимӣ:** Холаҷон, назди директори мактаб равед, ҳамаашро мефаҳмонад. Илтимос, ба мо халал нарасонед.

**Раҳимахола:** Ман аз болоятон ба директор шикоят мекунам. *(ба толори директори мактаб медарояд).*

**Директор:** Ман ҳамин ҷо. Кӣ шикоят дорад?

**Раҳимахола:** Ман шикоят дорам.

**Директор:** Гӯш мекунам.

**Раҳимахола:** Шумо директор бошед, чаро ба беадолатӣ роҳ медиҳед?

**Директор:** Кадом беадолатӣ?

**Рахимахола:** Инҳо равғану пулу орда ба одамони дилхоҳашон тақсим карда диҳанду мо ду даст дар бинӣ тамошо карда шинем?

**Директор:** Фаҳмо! Фарзанди Шумо дар синфи чандум мехонад?

**Раҳимахола:** Дар синфи даҳуми «Б».

**Директор:** Фамилияаш?

**Раҳимахола:** Шакархӯҷаева Санамгул.

**Директор:** Як дақиқа. Шакархӯҷаева Санамгул ду моҳ аст, ки дар дарсҳо иштирок намекунад. Аз рӯи шунидам духтари ноболиғро аз мактаб гурезонида ба ким кадом як хешатон ба шавҳар додаед. Боз шарм накарда, ба мактаб омада ҷангу ҷанҷол мекунад.

**Раҳимахола:** Агар дар вақташ ба мо ҳам орду равған медодед, ман ин корро намекардам. Ман аз болои шумоён шикоят мекунам.

**Директор:** Шаттоҳиро бас кунед. Баръакс, мо бояд аз болои шумо шикоят кунем *(кампири Раҳима ғур-ғуркунон баромада меравад)*. Бубахшед устод, ки сари шуморо гаранг кардам.

**Олимӣ:** Санҷишро сар мекунам.

***(Торикӣ)***

## НАМОИШИ IV

*(Синфхона. Парта ва курсиҳо. Он ҷо волидайнҳои синфи 3-и «А» нишастаанд. Дар самти рости саҳна миз ва ду курсӣ. Болои миз телевизиор, камераи ба навогирӣ ва ким чи хел қуттиҳо. Профессор Мақсуд Олимӣ ва муаллима паси миз нишастаанд.)*

**Олимӣ:** Шумо тайёред?

**Муаллима:** Тайёр устод.

**Олимӣ** *(бо соаташ нигариста)***:** Сар мекунем. Нӯшдоруро тақсим кунед. (муаллима ба волидайн яктагӣ қошуқча медихад. Сипас шишачаҳоро аз профессор гирифта ба кошукчаҳо нӯшдору мерезад).

**Шамсияхола:** Аъзои баданама ларза гирифт.

**Қодирбобо:** Оқибаташ ба хайр шавад.

**Олимӣ** (*ба соаташ нигариста*)**:** Ҳозир нӯшдоруро менӯшед, пас аз чил сония таъсирашро ҳис мекунед. Нӯшед. *(ҳама менӯшанд*). Муалли-

ма, қошуқчаҳоро ҷамъ карда гиреду ба дарс шурӯъ кунед. Ман ба навор мегирам. *(Олимӣ камераро гирифта, ба толор мефарояд. Аз рафтору нигоҳҳои волидайн маълум, ки нӯшдору аллакай таъсир кардааст.)* Сар кардем.

**Муаллима:** Ҳозирғоиб мекунем (*журналро кушода).*

**Муаллима:** Наимҷон Назирӣ.

**Наимҷон** (*аз ҷой хеста*) **:** Ман!
*(Сафарбек бо завқ механдад*).

**Муаллима:** Сафарбек чаро механдӣ?

**Сафарбек:** Муаллима Наима Назирӣ гуфтанд. Вай муаллим не ку? *(Қодирбобою Шамсияхола байни худ хархаша мекунанд)*

**Муаллима:** Шумо чаро ҷанҷол мекунед?

**Шамсия:** Муаллима, Қодира бинед, маро мегӯяд, ки «Шамсияи ҷанҷолӣ даруни сарат холӣ».

**Муаллима:** Қодир бехабар, ки каллаи худаш холӣ.

**Қодир** (*хеста):* Аввал худаш маро гуфт, ки «Қодири ландаҳӯр, бесаводи говзӯр».

**Муаллима:** Гапҳои беҳударо бас кунед.

**Одина:** Муаллима ман ҳамин Қодири калағафса як мушт занам?

**Қодир:** Ман бачи очат нестам, ки занӣ.

**Муаллима:** Хайр бас. Боз як муштзӯри дигар пайдо шуд. Шин!.. Ситора!

**Ситора:** Ман.

**Муаллима:** Шин. Шаҳноза.

**Шаҳноза** *(аз ҷой хеста бо овози гиряолуд*) : Ман.

**Муаллима:** Чаро гиря мекунӣ? Боз чӣ воқеа рӯй дод?

**Шаҳноза:** Гурбачаам ду рӯз аст, ки ҳеҷ чиз намехӯрад.

**Муаллима:** Гиря накун гурбачаат нағз мешавад. Шин. Сафарбек.

**Сафарбек:** Ман.

**Муаллима:** Шин.

**Сафарбек:** Муаллима, ман ба ҳоҷатхона рафтан мехоҳам.

**Муаллима:** Камтар тоқат кун, танаффус, ки шуд меравӣ. Канӣ, дасти ҳамдигарро доред, суруди соли навро машқ, мекунем. (*Бачаҳо шоду хурсанд дасти ҳамдигарро дошта давра занед).*

**Майрам:** Муаллима Сафара бинед, дасти мана сахт меҷиқад.

**Муаллима:** Сафарбек чаро дасти Майрамро меҷиқӣ?

**Сафарбек:** Худаш маро масхара карда истодааст.

**Майрам:** Сафари кар аз ҷар парид,
Шими Сафар нимаш дарид.

**Сафарбек:** Дасти Майрам бӯй мекунад,

**Майрам:** Муаллима, ина бинед, шӯй мекунӣ мегӯяд.

**Муаллима:** Бас кун Сафарбек, шӯйкунии Майрам ҳоло барвақт. Хӯш, дарси гузашта кадом сурудро машқ карда будем?

**Ситора:** Суруди русӣ «Ладушки ладушки»

**Муаллима:** Матнашро аз ёд кардед?

**Қодир:** Ситора, баъди в лесу чӣ буд?

**Ситора:** В лесу родилась ёлочка.

**Муаллима:** Сар кардем.Ҳама якҷоя:
В лесу родилась ёлочка
В лесу ана расла,
Зимой и летом стройная
Зелёная была.
Ладушки ладушки
Где были, у бабушки
Чай пили, лошки были
По турецкий говорили.

**Муаллима:** Офарин! *(Занги телефони мобилӣ садо медиҳад. Наим аз кисааш бароварда тугмачаашро зер мекунад)*

**Наим:** Алло! Ҳа, ман Наимҷон. Ту кӣ? Зани ман? Ё тавба! (*бо овози баланд хандида*): Муаллима, як занаки ҷиннӣ. Дар телефон мегӯяд, ки ман зани ту. *(Ҳама механданд)*

**Муаллима:** Эҳтимол хато карда бошад. Ҳоло ҳама занҳо шавҳаркоб. Телефонатро хомӯш карда мон.

**Шаҳноза:** Муаллима, ба Наим гӯед телефонаша тияд, ман хона телефон кунам.
**Наим:** Не, намедиҳам, сумаша тамом мекунӣ.
**Муаллима:** (*ба Шаҳноза*) Барои чӣ телефон мекунӣ?
**Шаҳноза:** Гурбачаам нағз шуда бошад?
**Муаллима:** Ҳозир танаффус мешавад, баъд телефон мекунӣ, майлаш?
**Шаҳноза:** Майлаш.
**Муаллима:** Ба ҷойҳоятон гузашта шинед. Хӯш, кӣ шеъри нав аз ёд карда омад? *(Ситора, Наим, Шаҳноза ва Майрам даст мебардоранд.)* Дигарҳо аз ёд накардаанд? Одинаву Қодир, Сафарбеку Шамсия чӣ?
**Шамсия:** Ман хонам?
**Муаллима:** Хон.
**Шамсия** (*аз ҷой хеста*) :
Олучагулибодом,
Ман духтараки додом.
Додом шишта чой хӯранд
Ман чойрезаки додом.
**Қодир:** Муаллима, Шамсия ин шеъра дар боғча ҳам мехонд.
**Шамсия:** Кори ту чӣ? Қодири дабанг, бахили лапашанг.
**Муаллима:** Шамсия, дағалӣ накун, рост мегӯяд, ин шеър кӯҳнаву забонзада шудагӣ. Чаро шеъри нав аз ёд накардӣ? Ситора шеъри нав медонӣ?
**Ситора:** Ҳа, медонам. Бихонам, муаллима, шеъри бобоям.
**Муаллима:** Бихон.
**Ситора:** Ман зодаи ин кӯҳсор,
Чолоку зӯру ҳушёр.
Дар мактаб аълохонам,
Ҳама чизро медонам.
**Муаллима:** Офарин Ситора, шин.
**Сафарбек:** Муаллима, ман ҳам аз шеъри бобоям якто хонам?

**Ситора:** Бобои ту ҳам шеър мениависад?

**Сафарбек:** Чӣ, фақат бобои ту менависад? Бобои ман ҳам менависаду ҳам суруд мехонад.

**Муаллима:** Канӣ-канӣ шунавем.

**Сафарбек:** Гулпарӣ, райҳонпарӣ
Имшаб лаби бомат кӣ буд?
– Ҳеҷ кас набуд, ҳеҷ кас набуд,
Аттор-бачек омада буд...
Давомашро фаромӯш кардам.

**Муаллима:** Сафарбек, ин шеъри халқӣ аст. Оҳангаш ба назарам, аз Акашариф Ҷӯраев.

**Шамсия:** Шарманда шудӣ.

**Сафарбек:** Дамта бигир ҷалоҷин.

**Шамсия:** Кӣ ҷалоҷин? Ман ҷалоҷин? Очат ҷалоҷин. Бачаи шағол.

**Сафарбек:** Ман агар бачаи шағол бошам, ту духтари ҷайра. (*Шамсияю Сафарбек даст ба гиребон мешаванд).*

**Муаллима:** Канӣ, бас кунед!

**Шамсия:** Отама мегум, омада забончата калта мекунад.

**Сафарбек:** Ман отама мегум отаи тура дар милисахона қава мекунад.

**Қодир:** Бачаҳо, биёед ҳамаамон отаҳоямонро дар стадиони мактаб ҷамъ мекунему отаҷанг мекунем. Канӣ мебинем отаи кӣ зӯр?

**Муаллима:** Шамсия, Қодир, Сафарбек ҳар сеятон то тамом шудани дарс рост меистед. Канӣ хезед! *(Қодиру Сафарбеку Шамсия рафта дар қатори саҳна рост меистанд, овози хуррок-кашии Одина шунида мешавад.)*

**Муаллима:** Одина! Ситора Одинаро бедор кун.

**Ситора:** Одина хез!

**Одина** (*хоболуд)* **:** Чӣ мегӯӣ?

**Ситора:** Аз хоб хез мегӯям.

**Одина:** Ҳар кас ба ман чаққа шавад,келини санбаққа шавад.

**Муаллима:** Канӣ аз хобат хез шоир!
**Одина** (*хушёр шуда)* **:** Ман дар куҷо?
**Муаллима:** Дар хона хоб надорӣ, ки доимо дар дарсҳо хобат мебарад. Дадата гӯй пагоҳ, ба мактаб биёяд.
**Одина:** Ман дада надорам.
**Майрам:** Дурӯғ мегӯяд, дада дорад. Дадаш ҳамсояи мо *(ба Одина*) девона, дада дорӣ ку?
**Одина:** Вай дада не, вай ота.
**Муаллима:** Ӯзбекҳо ота мегӯянд. Ба тоҷикӣ дада ё падар мешавад.
**Олимӣ:** Муаллима таъсири нӯшдору даҳ дақиқаи дигар монд. Беҳтараш онҳоро танҳо гузорем. Бигзор озод амал кунанд. Аз камераи махфӣ навор мегирем.
**Муаллима:** То танаффус бе ҷангу ҷанҷол шинед. Ман ҳозир меоям (*Муаллима ҳамроҳи профессор мераванд*).
**Сафарбек:** Ман ба ҳоҷатхона меравам. *(Худро базӯр дошта сӯи дар меравад, вале зуд бармегардад)*. Дарро аз болоямон руст кардаанд.

*(Ситора ба кунҷе рафта шеър мехонад. Наим карат аз ёд дорад. Майраму Шаҳнозаю Шамсия бозии парак-парак мекунанд. Қодир ланкабозӣ. Одинаву Сафарбек буҷулбозӣ. Шавқуну мағал. Дар рафти бозӣ қаҳрамонҳо як-як ҳушёр мешаванд ва ба ҳоли Қодирбобо, ки ҳоло ҳам ланкабозӣ дорад, завқ карда механданд. Профессор Олимӣ ҳамроҳи муаллима вориди синф мешаванд. Дар дасти Олимӣ коссета ё диск).*

**Олимӣ** (*хурсанд*) **:** Хӯш, волидайни мӯҳтарам ба худ омадед?
**Ситора:** Бале, устод.
**Қодирбобо:** Хуб масхарабозӣ кардагистем?
**Олимӣ:** Ҳозир ҳамаашро ба чашми худ мебинед.
**Шамсияхола:** Муаллима, орду равғана ҳалол кардем?

**Олимӣ:** Ҳалол кардетон.

**Одина:** Устод, телевизорро монед, як ба ҳоли худамон бо завқ хандем.

**Олимӣ:** Шинетон.

*(Профессор видеокасетаро мемонад. Овози мусиқӣ садо медиҳад. Садои хандаи қаҳрамонҳо шунида мешавад. Чароғ хомӯш мешавад. Прожектор бо навбат чеҳраи ҳозиринро равшан мекунад ва дар ин фосила садои хандаҳо баланд ва хеле баланд мешавад).*

**Поёни намоиш**

# ВАҲШИЁНИ ҲАМДИЛ

*Манзараи зебо. Дар баландие, зери дарахтони сарсабз ҷонварон сӯҳбат доранд. Саҳна нимторик. Мусиқӣ батадриҷ паст ва саҳна торик мешавад:*

**Шоҳин:** Эй хорпуштак,
Гапи ту лак-лак,
Сухан кун оғоз,
Дилатро кун боз.

**Хорпуштак:** Ташаккур сад бор,
Ҳамдами ғамхор!
Аз боби ваҳдат,
Меҳру муҳаббат
Кардед иброз
Суханҳои соз.
Ман низ ин ҷом
Мебарам ба ком
Баҳри садоқат
Сулҳу рафоқат
Лаънат ба пастӣ!

**Ҳама** *(аз ҷой хеста):* Лаънат, лаънат!
Бар худпарастӣ!
Лаънат, лаънат!
Бар кинатӯзӣ,
Бар хонасӯзӣ!
Лаънат мехонем!
Бар порахӯрон,
Ҷумла беорон.
Лаънат мехонем,
Лаънат мехонем.

*(Ҳама қадаҳҳоро мебардоранд)*

**Шоҳин:** Эй кабки дарӣ,
Ту тоҷи сарӣ,
Инак, наво кун
Дилро даво кун!

*(Мусиқӣ баланд мешавад):*

**Кабк:** Ҳаловат ҳар сари санг аст,
Гулу себарга садранг аст,
Барои шодии дилҳо
Ҷаҳон ин лаҳзаҳо танг аст!
Чу дар ин давру ин айём
Ҷаҳон моро бувад бар ком,
Ба меҳру ваҳдату ёрӣ,
Ҳаёти худ диҳем анҷом!

**Санҷоб:** Паҳ-паҳ, чӣ наво,
Дилҳо ёфт даво!

**Маймун:** Эй кабки зебо,
Мо ҳама шайдо!

**Кабк** (*аз ҷой хеста):* Дӯстони ғамхор,
Меҳратон саршор.
Эй кош, ин дам,
Аз баъди ин ҳам
Ҷои шӯру шар
Ҳам теғу ханҷар
Суруд сароем,
Аз ғам бароем

**Мор:** Сарзамин афсӯс,
Нотинҷ имрӯз.
Алҳақ, ҳамин тавр,
Нотинҷ шуд давр,
Ҳама парешон,
Хонаҳо вайрон.

**Шоҳин:** Як дил шуд сангин,
Сад дил шуд ғамгин,
Як зумра беор
Беранҷу бекор,
Бо дилоозорӣ,
Бо сад маккорӣ,
Дар кару фаранд,
Дар шӯру шаранд.

**Калхот:** Меҳру шафқат нест,
Ғайри нафрат нест.

**Заргӯш:** Ку чеҳраи гарм,
Ку нигоҳи нарм,
Ку файзи рӯзгор,
Ёрони ғамхор?!

**Сангпушт:** Бояд бетаъхир,
Ёбем тадбир!

**Муш:** Паи имдоде
Чӣ пешниҳоде?
Ёрони дерин
Пешниҳодам ин:
Ҳоло ҳамин ҷо
Созем барпо
Созмони «Ёр»
Сар кунад ба кор.
Сулҳу рафоқат,
Ёриву ваҳдат
Мешавад ҳосил
Боварам комил.
Ҳамфикри хубем,
Ёри матлубем

**Мор:** Бояд ки акнун
Бошем ҳамхун.

**Кабк:** Бас шӯру мағал
Даъвои амал,
Рафтори дағал,
Аз рӯи маҳал.

**Шоҳин:** Монем ба овоз
Ин таклифи соз
Ҳар кас тарафдор
Ба созмони «Ёр»
Бардоред дастон
Ёрону дӯстон.

*(Ҳама даст мебардоранд)*

Боло ҳама даст…
Таклиф қабул аст!

*(Чапакзании пурмавҷ).*

**Заргӯш:** Шуд дар манзара,
Таклифи сара.

**Санҷоб:** Айни муддао,
Шуд барои мо.

**Бум:** Қадаҳ пур кунед,
Ғамҳо дур кунед.

**Калхот:** Мо дӯстонем,
Ҳамҷинсу ҷонем!

**Кабк:** Тамоми вуҳуш
Аз мор то муш
Мешавад даъват
Ба рақси ваҳдат.

*(Оҳанги рақсӣ танинандоз мегардад. Кулли ҷонварон бо ҳаракатҳои хоси худ рақсу бозӣ мекунанд).*

**Шоҳин:** Бояд ки акнун,
Бо чораву чун,
Кунем, эй аҳбоб,
Раис интихоб.

**Заргӯш:** Ҳамист сардор,
Моро дар ин кор,
Он соҳибамал,
Аз кадом маҳал,
Шавад интихоб
Эй аҳли аҳбоб?

**Калхот:** Аз аҳли парвоз
Намоед оғоз!

**Сангпушт:** Ҷонвари хокӣ,
Дур аз бебокӣ,
Одиву хоксор,
Бештар кунанд кор.

**Калхот:** Пас, ман тарафдор
Бар номзади мор
Аз ӯҳаросон
Кулли ҷонварон.

**Шоҳин:** Раиси одил,
Мебошад оқил,
Расад ба имдод,
Ба қадри аҷдод.
Бошад як нотарс,
Вале Худотарс

**Зоғ:** Кардӣ якбора,
Киро ишора?

Худи ту кистӣ?
Раисшав ҳастӣ?!

(*Қисме аз ҷонварон механданд).*

**Шоҳин:** Эй ҳамсоғарон,
Ёру ёварон,
Мехӯрам савганд,
Шоҳид Худованд
На раисшавам
Инак, меравам!

*(Шоҳин рафтанӣ мешавад).*

**Сангпушт:** Сабр кун, Шоҳин
Андаке биншин.

*(Ба Зоғ муроҷиат мекунад):*

Чӣ ҷои ханда?!
Шоҳин арзанда,
Оқилу одил
Зебошамоил.
Ашрафзодааст,
Худ озодааст.

*(Бо овози писханд):*

Ҳастӣ аҷоиб,
Худи ту ноиб!

*(Бо ҷиддият):*

Номзади ман бум,
Ҳо, буми бедум.
Аз ҷангу ҷидол
Шод асту хушҳол.

Зӯр аст аз азал
Дар кори дағал.

**Маймун:** Бас кун ту, эй зоғ,
Бирав сӯи боғ!
Бум дар бари мо
Кай гирифта ҷо!
Хорпушт инҷост,
Аз ҳама авлост.
Хораш бувад бас,
Натарсад аз кас!

**Калхот:** Эй маймуни шум,
Таҳқир макун бум
Хорпушт бесавод,
Мабар аз ин ёд.

**Санҷоб:** Хирадманд аст ӯ,
Кони панд аст ӯ.

**Бум:** Мекунем пешбар,
Номзади дигар,
Қанoташ дароз,
Ҳай баландпарвоз,
Дорам дар назар,
Калхоти газар.

**Муш:** Калхот дорад дӯст,
Танҳо хуну пӯст.
Зулму ситамро,
Азобу ғамро,
Мекунад пеша,
Бе ҳеҷ андеша.

**Мор:** Ба шумо сарвар,
Мебояд нархар!

*(Зоғ, Бум ва Калхот механданд).*

**Хорпушт:** Эй аҳли беша,
Кунед андеша.
Мо-ку ҳама ёр
Эй Калхоту Мор!

**Шоҳин:** Аз ҷаҳл фароед,
Бар худ биёед.

**Кабк:** Дар ҳамин ҳолат,
Мешад адолат
Монам ба овоз
Номзадҳои соз.

**Зоғ:** Туф бар адолат
Бар пару болат.

**Маймун:** Зоғо ҳасудӣ,
Камақл будӣ!

**Зоғ:** Ин маймуни кал
Аз дигар маҳал.

**Сангпушт:** Зоғи иғвогар,
Макун шӯру шар!

**Бум:** Аз по барафтед,
Бар ҳам дарафтед.

**Калхот:** Шӯру шар занед
Пою пар занед.

*(Мусиқии даҳшатангезе садо медиҳад. Баҳс бесадо шиддат гирифта ба занозанӣ мубаддал мегардад).*

**Овози ровӣ** *(аз радио):*

Ҷанҷол, хуллас
То шаб нашуд бас.
Бишуд моҷаро,
Фишору ғавғо
Сад номзад шуд,
Ҳама пас рад шуд!
Ҷои адолат
Омад адоват,
Ҷои иттиҳод
Омад вою дод.
Ҷои ёварӣ.
Гурӯҳсозӣ шуд,
Маҳалбозӣ шуд.
Бо чӯбу бо санг
Оғоз шуд ҷанг.
Заданд ҳамдигар
Бо теғу ханҷар
Ғавғо калон шуд,
Вақти азон шуд…
Паранда бепар,
Хазанда бесар,
Дар хун оғушта
Водию пушта.
Ҳаво хира шуд
Дунё тира шуд,
Аз ҳар сӯ аммо
Меомад садо
**«Ки эй аҳли дод,**
**Бояд иттиҳод!»**

**Поёни намоиш**

МУНДАРИҶА

Одамон, одам бошед! .................................. 3
Лаку Пак .................................................... 14
Найи сеҳрнок ............................................. 41
Аз мост, ки бар мост ................................. 63
Бозгашти айём ........................................... 84
Ваҳшиёни ҳамдил .................................... 107

**Абдулҳафиз Қодирӣ**

**РӮ БА РӮШНОӢ**
((Афсонаҳои драмавӣ барои наврасону ҷавонон)

Ороиши *Заринаи Ҷалил*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 30.11.2010 супорида шуд.
Чопаш 05.12.2010 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 7,25. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а